Пардохти андоз - бахои тамаддуниятнокии чомеа

# Бочу ХИРОЧ

№11 (1160)

Панҷшанбе, 14 марти соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



**Табрикоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Модар**

с.2

РУШДИ СОҲИБКОРӢ

# Мораторий:
## Фазои мусоид барои соҳибкорон

Мақсад - дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, таҳкими иқтидори саноатию содиротии ҷумҳурӣ



КОРҲОИ НАЗОРАТӢ



## Пешниҳоди эъломияҳои андоз

Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ҳар сол бояд то санаи 1-уми март ба мақомоти андози маҳалли қайди худ эъломияи андози ягона пешниҳод намоянд

с. 6

МУСОҲИБА

**Корҳои фаҳмондадиҳӣ – асоси пешравиҳо**

Ҳадаф - бехтар ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон



с. 4

ҚОНУН ВА АНДОЗ

**Вазъи андозбандӣ дар соҳаи моҳипарварӣ**

Истеҳсоли маҳсулоти моҳӣ, мониторинг



с. 5

ТАҲЛИЛ

**Мафҳуми хизматрасонӣ**

Тафсири он дар қонунгузории Тоҷикистон



с. 7

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

**Тадбирҳои судбахш**

Бақияи қарзи андоз - масъалаи доғи рӯз



с. 8

# Табрикоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Модар



**Модарону бонувон ва духтарони азиз!**

Дар нахустин рӯзҳои фасли зебои баҳор, яъне айёми нуру сафо ва гармиву бедории табиат — ҷашни фархундаи Рӯзи Модар фаро мерасад. Ҳамаи шумо, модарони меҳрубон ва бонувони арҷмандро ба ин муносибат самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо, пеш аз ҳама, саломатӣ, хушбахтӣ ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзу менамоям.

Модар ягона мавҷудест, ки инсон меофарад, ба ӯ ҳаёт мебахшад, ӯро дар оғӯши гарму пурмеҳри худ мепарварад, аввалин суханҳо ва гузоштани нахустин қадамҳоро ба тифлаш ёд медиҳад, фарзанди хешро бо ҳазор нияту орзуҳои нек ба воя мерасонад.

Яъне дар замири фарзанд тарбия кардани эҳсоси садоқату самимият, некиву накӯкорӣ, хайру саховат ва ташаккули маънавии наслҳо натиҷаи заҳмати шабонарӯзии модарони мушфиқу ғамхор ва мӯнису меҳрубон мебошад.

Модар шахсест, ки шабу рӯз ба хотири роҳату осоиши тифлаш заҳмат мекашад ва намегузорад, ки фарзанди ӯ ранҷу озоре бинад.

Вай ҳамеша дар талош аст, ки фарзандаш солиму бардам ба камол расад, соҳиби одобу маърифат, илму дониш ва касбу ҳунар гардад ва дар оянда ба ҷомеа хизмати шоиста намояд.

Яъне дар шуури насли наврас ташаккул додани эҳсоси муҳаббат ба донишу маърифат, одобу ахлоқ, нангу номус ва ватандӯстиву заҳматкашӣ, қабл аз ҳама, хизмати модар мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир, ҳар як фард модарро мисли ҷони худ ва ҳамчун зиннату сафои зиндагӣ дӯст медорад, азиз мешуморад ва ҳурмату эҳтиромашро ба ҷо меорад.

Модар, дар ҳақиқат, сазовори ҳама гуна қадршиносӣ ва дӯстдорӣ мебошад, зеро ӯ меҳрубонтарин инсон барои ҳар як шахс ба шумор меравад.

Мехоҳам бо ифтихор изҳор намоям, ки модарону занон ва бонувони кишвари азизи мо бо рафтори нек, андешаи солим ва маҳорату кордонии худ дар ободиву пешрафти Тоҷикистони маҳбубамон саҳми бузург доранд.

Онҳо имрӯз дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат софдилона кору фаъолият менамоянд ва бо заҳмати бунёдкоронаву ташаббусҳои созандаашон барои рушди давлати соҳибистиқлоламон саъю талош мекунанд.

Нақши занону модарон дар пойдориву устувории оила ва фароҳам овардани фазои орому солим дар хонавода бисёр муҳим мебошад.

Бовар дорам, ки бонувону занони арҷманди мо минбаъд низ ин рисолати муқаддаси худро бо сабру таҳаммули хоси модарони тоҷик иҷро карда, барои тарбияи дурусти фарзандон, ба ҳаёти мустақилона омода кардани онҳо, ҳифзи гармиву баракати хонавода ва мустаҳкам гардидани он ва баланд бардоштани мақоми оила дар ҳаёти давлат ва ҷомеа саъю кӯшиш мекунанд.

Миллати соҳибфарҳангу тамаддунсози тоҷик дар тӯли асрҳои зиёд доир ба одоби оиладорӣ, муносибатҳои хонаводагӣ ва таълиму тарбияи фарзанд суннату меъёрҳое эҷод кардааст, ки онҳо маҳз тавассути занону модарони арҷманди мо барои наслҳои имрӯзу фардо низ чун мактаби беҳтарини зиндагӣ хизмат мекунанд.

Ба ин маънӣ, занону модарони мо нигоҳдорандаву давомдиҳандаи беҳтарин анъанаҳо ва ойинҳои асилу деринаи халқамон, хусусан, дар тарбия кардану ба камол расонидани фарзандони баодобу соҳибмаърифат ва ватандӯсту далер мебошанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бонувони тоҷик бо ташаббусҳои худ собит намуданд, ки метавонанд дар ҷодаи соҳибкорӣ низ муваффақ бошанд. Саҳми занону бонувони соҳибкор илова ба соҳаҳои саноату кишоварзӣ дар эҳё намудану тараққӣ додани ҳунарҳои мардумӣ ва бо ҳамин роҳ муҳайё кардани ҷойҳои корӣ барои бонувони хонашин басо арзишманду назаррас мебошад.

Яке аз ҳадафҳои асосии Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон кардани соли 2018 ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намудани солҳои 2019–2021 маҳз ба шуғл фаро гирифтани шумораи ҳарчи бештари занону духтарон мебошад.

Бо амалӣ гардонидани чунин иқдомот Ҳукумати мамлакат мавқеи занонро дар рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ таҳким бахшида, барои истифодаи нерӯи бунёдкоронаи онҳо заминаи устувор фароҳам месозад.

Бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон қабул гардидани «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ҷиҳати таҳияву татбиқи як силсила санадҳои муҳимми марбут ба беҳдошти вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии занону бонувон заминаи воқеӣ гузошт.

Дар асоси санадҳои зикршуда як силсила иқдомоти муҳим дар самти баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, таъмин намудани иштироки фаъолонаи онҳо дар идоракунии давлат, аз ҳисоби духтарон омода кардани кадрҳои занони нав ва боз ҳам беҳтар гардонидани сиҳатии модару кӯдак амалӣ гардонида шуданд.

Яке аз ғамхориҳои давлату Ҳукумат барои духтарони деҳоту ноҳияҳои дурдаст муқаррар намудани квотаи президентӣ мебошад, ки тавассути он то имрӯз ҳазорон нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хатм карда, ҳоло дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат муваффақона кору фаъолият доранд.

Дар робита ба ин, мехоҳам таъкид намоям, ки падару модарон набояд пеши роҳи таҳсили фарзандонро гиранд, баръакс, кӯшиш намоянд, ки онҳо таҳсил карда, соҳибмаърифат ва соҳиби касбу ҳунар шаванд ва дар зиндагӣ ба мушкилот дучор нагарданд.

Шумо хуб медонед, ки агар бонуи хонадон босавод бошад, метавонад фарзандони худро тарбияи дуруст диҳад, онҳоро солиму бардам ва ҳамчун шахсиятҳои соҳибмаърифат ба камол расонад, яъне оилаи намунавӣ барпо намояд.

Ҳукумати мамлакат амалӣ гардидани тадбирҳоеро, ки дар доираи барномаҳои қабулшудаи давлатӣ пешбинӣ шудаанд, ҳамаҷониба таъмин намуда, чунин сиёсатро дар оянда низ идома хоҳад дод.

Зимнан, хотирнишон месозам, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози фоизи намояндагии занону бонувон дар мақомоти шохаҳои гуногуни ҳокимият дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад.

Итминон дорам, ки занону бонувони соҳибмаърифат ва бонангу номуси тоҷик ба шукронаи озодиву соҳибихтиёрии давлатамон ва фазои орому осудаи кишварамон бо истифода аз шароиту имкониятҳои муҳайёкардаи Ҳукумати мамлакат барои пешрафти Ватани маҳбубамон содиқона ва боз ҳам бештар заҳмат мекашанд, ба хотири тарбияи наслҳоиояндасози миллат саъю талоши бештар мекунанд, дар чаҳорчӯбаи қонунҳои миллиамон — “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” амал карда, ҷиҳати беҳтар шудани некӯаҳволӣ ва шароити зиндагии хонаводаҳои худ саҳми модаронаашонро мегузоранд.

**Модарону бонувони муҳтарам!**

Моҳи март бо ҷашни шумо оғоз гардида, бо яке аз ҷашнҳои бостонии мо — Наврӯз, яъне соли нави аҷдодиамон идома меёбад. Ин айём беҳтарин рӯзҳое мебошанд, ки шумо хурсандӣ кунед, либосҳои зебои миллии чакан ва атласу адрасро ба бар карда, онҳоро таблиғ ва оммавӣ гардонед, ба тозагиву ободии хонаву кошона бештар машғул шавед ва ҳунари кадбонуҳои миллати қадимаву фарҳангиамонро боз ҳам густариш бахшед.

Мо — мардон вазифадорем, ки ҳамеша ба қадри ранҷҳои кашидаи модарон, заҳмату хизматҳои занону духтарони худ ва умеду интизориҳои онҳо расем. Мо набояд фаромӯш кунем, ки аз пайғамбарон сар карда, тамоми нобиғаву алломаҳои башар аз домони поки модар ба дунё омадаанд ва дар оғӯши гарми ӯ бузург шудаанд.

Мо дар асри бисту якум – замони пешрафти илму техника ва дастовардҳои бесобиқаи ақли инсонӣ зиндагӣ дорем. Аз ин лиҳоз, бояд аз эҳсосоти хушунатомез ва тафаккури ақибмондаи хурофотӣ озод бошем, шаъну шараф ва ҳайсияти занону духтаронро эҳтиёт ва эҳтиром кунем, ба онҳо, яъне бонувону духтарон бо назари нек ва бо иззату ҳурмат муносибат намоем.

Мо бояд доим дар ёд дошта бошем, ки парваридаи модари боиффату соҳибмаърифати тоҷик ва ба намояндаи яке аз миллатҳои куҳанбунёду тамаддунсози дунё мебошем.

Бо истифода аз фурсат, хотирнишон менамоям, ки нигоҳубину парастории модару падар дар пиронсолӣ низ қарзи фарзандӣ ва вазифаи ҷавонмардии мо мебошад. Зеро савоби парастории волидайн ва баракати дуои онҳо дар дини мубини ислом бо ҳаҷҷи акбар баробар дониста шудааст.

Бо ибрози беҳтарин ниятҳои нек ҳамаи шумо, модарону бонувони арҷманд ва хоҳарону фарзандони азизро бори дигар ба ифтихори ҷашни фархундаи Рӯзи Модар табрик мегӯям ва ба ҳар яки шумо тани сиҳат, иқболи баланд, дар хонадонатон осоишу оромӣ ва хушбахтиву файзу баракат орзу менамоям.

**Ҷашн муборак бошад, модарони меҳрубон, бонувони гиромӣ, хоҳарони арҷманд ва фарзандони азиз!**

# Тарзи дурусти қатъ кардани фаъолияти соҳибкорӣ

**Аксар вақт соҳибкорон ба идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» барои эълони қатъ намудани фаъолияти худ ва ё гум шудани ҳуҷҷати соҳибкорӣ муроҷиат мекунанд. Баъзеашон аз он изҳори нигаронӣ мекунанд, ки фаъолияти худро қатъ намуда буданд, вале бо гузашти 1-2 сол ба суроғаи онҳо огоҳиномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки ӯ аз пардохти андоз қарздор мебошад.**



Баъди ба мақомоти андоз ҳозир шудан онҳо мефаҳманд, ки бояд замони қатъ намудани фаъолияти худ онҳо ин амалро бояд расман дар мақомоти андоз иҷро намуда, барои қатъи фаъолияти худ иқтибос дастрас мекарданд. «Надонистани қонун шахсро аз ҷавобгарӣ озод намекунад»,- мегӯянд.

Мутахассиси пешбари Раёсати хизматрасонӣ бо андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Исмоилов Меҳроб гуфт, ки бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба танзим медарорад.

Номбурда қайд намуд, ки қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо асосҳои зайл амалӣ мегардад: аризаи соҳибкори инфиродӣ; вафоти соҳибкори инфиродӣ; қарори суд дар бораи муфлис эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ; қарори суд дар бораи бедарак ғоибшуда ё фавтида эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ; қарори суд дар бораи қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ба таври маҷбурӣ дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; санади эътибори қонунӣ пайдокардаи суд дар бораи маҳрум намудан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ба муҳлати муайян; бекор кардани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи шахси хориҷӣ барои муваққатан ё доимӣ истиқомат намудан ва анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ба охир расидани муҳлати чунин ҳуҷҷат.

Бояд гуфт, ки бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар маҳалли бақайдгирии давлатии ӯ дар муддати се рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод намудани ариза анҷом дода мешавад. Бақайдгирӣ пас аз ворид намудани сабт дар бораи он ба Феҳристи ягонаи давлатӣ қувваи худро гум мекунад ва бо иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

Соҳибкори инфиродие, ки фаъолияти худро қатъ менамояд, бояд ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ нусхаи асли Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ё Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродиро супорад, инчунин, расид (квитансия) дар бораи пардохти боҷи давлатиро пешниҳод намояд. Дар ҳолати қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, дар асоси қарори суд дар бораи муфлис эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ, бақайдгирии давлатиро мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар асоси нусхаи қарори суд дар бораи муфлис эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ворид гардидааст, амалӣ менамояд.

- Дар ҳолати қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ дар асоси қарори суд дар бораи бедарак ғоибшуда ё фавтида эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ, инчунин, дар асоси қарори суд дар бораи қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ба таври маҷбурӣ, бақайдгирии давлатиро мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати ду рӯзи корӣ аз рӯзи ворид гардидани нусхаи дахлдори қарори суд анҷом медиҳанд, - мегӯяд Д. Исматов.

Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродиро дар ҳолати вафоти ӯ мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар асоси маълумоти ба ин мақомот тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии вафоти ин шахс воридгардида, анҷом медиҳанд.

Номбурда дар мавриди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ илова намуд, ки ин ҳуҷҷатҳо Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ва ё Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ мебошанд: «Шахси воқеӣ метавонад фаъолияти соҳибкории инфиродиро дар асоси Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ тибқи рӯйхате, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 тасдиқ шудааст, амалӣ намояд».

Шахси воқеӣ наметавонад дар як вақт ҳам соҳиби Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва ҳам соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бошад. Дар ҳолати гум кардани Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ё Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ, соҳибкори инфиродӣ ҳуқуқ дорад ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ барои гирифтани нусхаи (дубликати) он муроҷиат намояд. Нусхаи (дубликати) Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ё Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар асоси аризаи соҳибкори инфиродӣ дар муддати ду рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳоди ариза бо қайди «Нусха (дубликат)» дода мешавад. Ба ариза эълон дар бораи аз эътибор соқит донистани Шаҳодатнома ё Патенти гумшуда, ки дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ нашр гардидааст, замима мегардад.

Хулоса, ҳар як соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома ва ё патент фаъолияткунанда набояд фаромӯш кунад, ки пеш аз қатъ намудани фаъолияти соҳибкории худ бояд фаъолияти худро расман дар мақомоти андоз қатъ намуда, иқтибосро дар мавриди расман қатъ гардидани фаъолияти соҳибкории худ дастрас кунад. Дар ҳолати расман қатъ накардани фаъолияти худ, ӯ ҳамчун соҳибкоре, ки фаъолияти соҳибкории худро давом медиҳад ва дар назди буҷет дорои ухдадориҳои андоз мебошад, эътироф мегардад.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Найден обладатель рекордного джекпота в полтора миллиарда долларов



**В американском штате Южная Каролина объявился обладатель самого большого джекпота в истории США, выигранного одним человеком. Как сообщает сайт лотереи Mega Millions, победитель, получивший полтора миллиарда долларов, пожелал остаться анонимным.**

Выигрышный билет с правильной комбинацией из всех шести номеров, был продан в одном из магазинов города Симпсонвилл в промежутке между 20 и 23 октября 2018 года. Однако победитель объявился лишь в понедельник, 4 марта. До этого власти штата выражали озабоченность, что счастливчик пропал.

У обладателя счастливого билета было два варианта обналичивания выигрыша: либо получить всю сумму в размере 1,537 миллиарда долларов (101 миллиард рублей) в течение 30 лет, либо сразу забрать около 878 миллионов (57,7 миллиарда рублей). Победитель предпочел второй вариант.

«Мы очень рады, что наш победитель из Южной Каролины, и что он объявился, чтобы забрать свой выдающийся приз. Мы уважаем решение этого человека сохранить анонимность и исполним это желание», - заявил исполнительный директор лотерейной комиссии Хоган Браун (Hogan Brown). Победитель выплатит 61 миллион долларов (четыре миллиарда рублей) подоходного налога, деньги пойдут на нужды штата.

Сообщается, что победитель пропустил перед собой человека в очереди на покупку лотерейного билета. «Простой добрый поступок привел к потрясающему результату», - сказано в заявлении комиссии.

Шансы выиграть джекпот составляли один к 302,5 миллиона или 0,00000033 процента. Счастливчик должен был угадать пять номеров от одного до 70 и один от одного до 25.

Изначально считалось, что выигрыш составил 1,6 миллиарда долларов (105,2 миллиарда рублей) – что превышает рекордный куш в 1,58 миллиарда долларов (103,9 миллиарда рублей), разыгранный в лотерее Powerball в начале 2016 года. Однако после этого лотерейная комиссия пересчитала сумму выигрыша.

**https://news.mail.ru/society/36519022/**

**Аз таҳлили фаъолияти кормандони мақомоти андоз бармеояд, ки беҳтар ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, мақсаднок анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ, аз ҷумла гузаронидани семинар – машваратҳо, вохӯрию суҳбатҳо ва таҳияи намоишҳо, асоси баланд гардидани фарҳанги андозсупорандагон ва такмил ёфтани дониши ҳуқуқии онҳо мегардад. Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 12.07.2017 таҳти №316 оид ба «Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон» дар таҳрири нав дар самти баланд бардоштани дониши ҳуқуқии андозсупорандагон манбаи хубе гардид. Ин, аз ҷониби дигар, имкон фароҳам овард, ки тарғибу ташвиқи қонуниятҳои андоз ва ҳамкориҳои дуҷониба миёни кормандони мақомоти андозу андозсупорандагон боз ҳам васеътар сурат бигирад.**

**Бо мақсади аз наздик ошноӣ пайдо намудан бо вазъи кунунии гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон чанде пеш мухбирамон М. Табарзода бо мутахассиси пешбари бахши ситонидани қарзи андозҳои Нозироти андози шаҳри Ваҳдат Д. Раҷабов атрофи ин мавзӯъ суҳбате анҷом дод, ки ҳоло фишурдаи онро манзури шумо мегардонем.**

# Корҳои фаҳмондадиҳӣ – асоси пешравиҳо



**- Корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ дар Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат дар соли 2018 чӣ гуна ҷамъбаст гардид?**

- Корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ дар корхонаю муассисаҳои шаҳр, бозору марказҳои калони савдою хизматрасонӣ ва ҷамоатҳои деҳот ҳамеша дар асоси нақшаи чорабиниҳои Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат, ки аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, сурат мегирад. Бояд қайд кард, ки дар соли 2018 мутобиқи талаботи моддаи 90 Кодекси андоз дар корхонаю муассисаҳо, ҷамоатҳои деҳот ва бозору нуқтаҳои савдою хизматрасонии шаҳр перомуни тағйироту иловаҳо дар Кодекси андоз, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018", Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.06.2018, №240 "Доир ба қатъ намудани истифодабарии расид ҳамчун ҳуҷҷати ҳисоботаш қатъии шакли 3 Ф", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" ва боз бисёр масъалаҳои дигари марбут ба андозу андозбандӣ семинару вохӯриҳо ташкил намудем, ки андозсупорандагон аз он баҳравар гардидаанд.

**- Андозсупорандагон бештар ба кадом мавзӯъҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд?**

- Соҳибкорону андозсупорандагон аз ҳама бештар ба рушду инкишоф додани бахши хусусӣ, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмаш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карданд, таваҷҷӯҳ мекунанд. Барои ҳамин ҳам мо зимни семинар-машваратҳо андозсупорандагонро дар навбати аввал бо Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат, тағйироту иловаҳои дар Кодекси андоз воридшуда ва Фармоишҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ошно месозем. Масалан дар семинар – машварате, ки моҳи декабри соли 2018 дар бозори "Хайр"-и шаҳри Ваҳдат гузаронидем, таваҷҷуҳи соҳибкорону андозсупорандагонро ба тағйиру иловаҳои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 № 451 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" ҷалб намудем.

Дар шуъбаи фарҳанги шаҳри Ваҳдат бо андозсупорандагони Маркази савдои "Табассум", бозорҳои "Хайр", "Марказӣ" ва "Роҳи оҳан", воқеъ дар маркази шаҳр, бо иштироки беш аз 193 нафар андозсупорандагон низ семинар-машваратҳо баргузор гардиданд, ки дар онҳо ба ҳозирин муҳтавои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2017 таҳти №968 "Дар бораи ҷашни сиюмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", вориди тағйиру иловаҳо ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28. 04. 2017 № 192 "Оид ба инвентаризатсияи объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" ва тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти №451 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" фаҳмонида шуд. Дар семинар-машварат соҳибкорон оид ба тартиби оғоз ва қатъ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ҳуҷҷатҳои барои қатъи фаъолият пешниҳодшаванда, тартиби қайди давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ, манбаъ ва маблағи андози молу мулки ғайриманқул ва қоидаҳои андозбандии фаъолият тибқи патент суолҳои зиёде дода, посух гирифтанд.

**- Барои шавқовар гузаштани вохӯриҳо шумо аз кадом усулҳо бештар истифода менамоед?**

- Мо, пеш аз ҳама, мавзӯъҳоеро интихоб менамоем, ки андозсупорандагон ба он мароқ зоҳир мекунанд. Баъдан ин ва ё он мавзӯъро тарзе ба онҳо мефаҳмонем, ки ҳисси кунҷкобии онҳо бедор гардида, дар муҳокимаи он ҳама фаъолона иштирок менамоянд. Ин шаҳодат медиҳад, ки онҳо дар дил хоҳиши донистани паҳлуҳои гуногуни қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқиро доранд. Аз ин хотир дар вохӯрию семинарҳо бо майлу хоҳиши зиёд ҷамъ омада, дар муҳокимаи ин ва ё он мавзӯъ фаъолона иштирок менамоянд.

**- Нақшаҳои шумо дар самти анҷом додани корҳои тарғиботӣ чӣ гунаанд?**

- Мо бояд тибқи дастуру роҳнамоиҳои Пешвои миллат, бахши хусусӣ, соҳибкории хурду миёна, бахусус соҳибкорони истеҳсолиро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, ҷиҳати ҷалби сармоя дар ин самт тадбирҳои иловагӣ андешем. Ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ ва хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон қонунгузории ҷорӣ ва одоби муоширатро қатъан риоя намоем.

Чуноне ба ҳамагон маълум аст, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишварамон "300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ" амалӣ карда шавад.

Бинобар ин, мо бештар ҷаҳду талош менамоем, ки ба сифатноктар намудани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ ва хизматрасонӣ ба субъектҳои хоҷагидор муваффақ гардем.

Мо хуб медонем, ки дар сатҳи баланд гузаштани корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ барои ноил шудан ба муваффақияту дастовардҳо асос шуда метавонад. Агар андозсупоранда қонуниятҳои андозро хуб донад, ҳисси масъулиятшиносии ӯ дар пардохти андозҳо дучанд мешавад ва амалҳои номатлуби қонунвайронкуниҳо низ аз байн меравад. Аз ин хотир, мо қарор додаем, ки соли ҷорӣ семинар-машваратҳоро бештар гузаронем ва барои дар сатҳи баланд ва самарабахш гузаштани онҳо тамоми тадбирҳоро андешем.

# Пешгирӣ аз қонунвайронкуниҳои андоз

Гурӯҳи корӣ аз ҳисоби кормандони Раёсати андоз дар вилояти Суғд имрӯзҳо дар марказҳои савдову хизматрасонӣ, умуман, дар фаъолияти соҳибкорони шаҳри Бӯстон корҳои назоратӣ ва санҷиши амалиётӣ гузаронида истодааст. Санҷиши амалиётӣ бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.05.2009 таҳти рақами 508 «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти рақами 451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», аз 02.05.2013 таҳти рақами 210 «Дар бораи тартиби истифодаи МНХ-и дорои хотираи фискалӣ», инчунин, дурустии ҳисоб ва пардохти андозҳо, муайян намудани шумораи коргарони кироя, таъмини пешниҳоди эъломияҳои андозе, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда аз тарафи андозсупорандагон ба нозироти андоз пешниҳод нашудааст, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ, татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ барои риоя накардани қонунгузориҳои андоз аз тарафи андозсупорандагон, пешгирӣ ва бартараф намудани қонунвайронкуниҳои андоз анҷом дода мешавад.

Дар давоми фаъолияти Гурӯҳи корӣ нисбати соҳибкороне, ки дар фаъолияти худ ба қонунвайрокуниҳои андоз роҳ додаанд, дар маҷмӯъ, 54 адад протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, дар асоси Кодекси ҳукуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи зиёда аз 100 ҳазор сомонӣ тартиб дода шудааст. Дар ин хусус мутахассиси пешбари шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд Абдувоҳид Ҷӯраев чунин хабар дод. Ҳамчунин, нисбати андозсупорандагоне, ки фаъолияташон таҳти санҷиш қарор дода шудааст, ба маблағи беш аз 200 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва ба буҷети давлатӣ пардохт шудаанд.

Айни ҳол, корҳои назоратӣ ва санҷиши амалиётии Гурӯҳи кории Раёсати андози вилояти Суғд дар ҳудуди шаҳри Бӯстон идома дорад.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

**Дар асоси моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ» истеҳсоли маҳсулоти моҳӣ, инчунин, мониторинг, назорати сифат ва бехатарии ҳамлу нақли он мувофиқи меъёрҳои технологӣ ва шартҳои техникии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба фаъолият дар соҳаи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ танзим намуда, ба таъмини аҳолӣ бо моҳӣ ва маҳсулоти он, афзоиши моҳӣ ва ҳифзи муҳити зисти он равона шудааст.**

# Вазъи андозбандӣ дар соҳаи моҳипарварӣ

Бояд қайд кард, ки субъектҳои хоҷагидори моҳипарварӣ бо тартиби умумии Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ мешаванд. Яъне, дар оғози фаъолият, субъектҳои мазкур мисли дигар субъектҳо дар низоми содакардашуда (дар асоси шаҳодатнома ҳамчун соҳибкори инфиродӣ, ё бо ташкил намудани шахси ҳуқуқӣ) фаъолият карда, минбаъд дар ҳолатҳои муқарраршудаи қонунгузорӣ ба низоми умумӣ мегузаранд.



Вобаста ба ин, сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев гуфт, ки ҳангоми дар низоми содакардашуда фаъолият кардан, андозсупорандагони мазкур тибқи муқаррароти моддаи 296 Кодекси андоз дар қисмати фаъолияте, ки ба истеҳсоли моҳӣ машғул мебошанд, маблағи андози низоми содакардашударо бо меъёри 5 фоиз аз даромади умумӣ ҳисоб ва пардохт менамоянд.

Дар мавриди фаъолият дар низоми умумии андозбандӣ андозсупорандагони мазкур супорандаи андоз аз фоида (13%, вале на кам аз 1% даромади умумӣ), андоз аз арзиши иловашуда (18% бо ҳуқуқи баҳисобгирии ААИ) ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард (1%) ба ҳисоб меравand. Қайд кардан бамаврид аст, ки андоз аз фоида ҳангоми гирифтани фоида пардохт гардида, меъёри он барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо 13 фоиз муқаррар шудааст, ки нисбат ба андоз аз фоидаи дигар намудани фаъолият 10 фоиз пасттар мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар асоси қонунгузории андоз барои рушди моҳипарварӣ дар ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Андозҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз ба фаъолияти корхонаҳои моҳипарварӣ вобаста буда, хароҷот вобаста ба об, неруи барқ ва дигар хароҷот аз манбаи андоз аз фоида тарҳ шуда, баъдан андоз аз фоида пардохт мешавад.

Собирҷон Исоев афзуд, ки яке аз вазифаҳо ва ваколатҳои асосии мақомоти андоз, баамалбарории корҳои фаҳмондадиҳӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон ва таъмини шаффофияти пардохти маблағи андозҳо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани семинар - машваратҳу вохӯриҳоро бо иштироки намояндагони субъектҳои моҳипарвар ба роҳ мондааст.

Тибқи талаботи моддаи 19 Кодекси андоз андозсупоранда (агенти андоз) бояд ӯҳдадориҳои андозии худро сари вақт ва дар ҳаҷми пурра иҷро намояд. Мутаассифона, имрӯзҳо аз ҷониби субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба парвариш ва фурӯши моҳӣ машғул мебошанд, ба пинҳонкунии манбаъҳои андозбандӣ роҳ медиҳанд ва аз ҷониби онҳо маблағҳои андозҳо дар ҳаҷми пурра ҳисоб ва пардохт намешавад. Таҳлилҳои гузаронидашуда дар ин самт нишон медиҳанд, ки ҳоло ҳам аз ҷониби андозсупорандагони соҳаи мазкур шумораи коргарони кироя ва музди меҳнати пардохтшаванда дар ҳисоботи андозӣ дуруст нишон дода намешавад.

Гарчанде тамоми андозсупорандагон дар ин соҳа як хел фаъолият доранд, вале нишондиҳандаҳо гуногунанд. Яъне андозсупорандагони мазкур дар ҳисоботи худ музди миёнаи меҳнатро дар соли 2018 аз 160 то ҳадди 711 сомонӣ нишон додаанд, ки ҳолати мазкур боиси нигаронӣ мебошад. Ҳол он ки ҳамаи андозсупорандагон дар як низоми андозбандӣ қарордошта, як намуди фаъолиятро анҷом медиҳанд.

Натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ дар шаҳру ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Бохтар, Вахш, Ҳамадонӣ ва Фархор нишон дод, ки аз тарафи на ҳамаи субъектҳое, ки ба парвариш ва фурӯши моҳӣ машғул мебошанд, муқарраратӣ қонунгузории андоз дуруст риоя карда мешавад. Аз он ҷумла, корҳои назоратӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидори моҳипарвар машғул мебошанд, 85 адад коргари кироягиро, ки андозсупорандагони мазкур дар эъломияҳои андозии худ нишон намедоданд, муайян намуд. Аз ин ҳисоб дар фаъолияти онҳо ба маблағи 65,6 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб гардида, пардохти он ба буҷет таъмин шуд.

Ҳамзамон, аз ҳисоби дуруст нишон надодани манбаъҳои андозбандишаванда оид ба ҳаҷми истеҳсол ва фурӯш иловатан дар фаъолияти субъектҳои мазкур ба маблағи 1140,3 ҳазор сомонӣ андози низоми содакардашуда ҳисоб ва пардохти он ба буҷет таъмин гардид. Инчунин, нисбати 8 андозсупоранда бо моддаҳои 601 ва 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 11,0 ҳазор сомонӣ протокол тартиб дода шуд.

- Масъалаи дигари ташвишовар, - гуфт С. Исоев, - ин аз ҷониби кооперативҳои истеҳсолӣ ва ё хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки соҳиби ҳавзҳои моҳипарварӣ мебошанд, ба иҷора додани ҳавзҳои моҳипарварии худ ба дигар шахсон ба муҳлати муайян (шашмоҳа ё солона) мебошад ва бо сабаби дар қайди мақомоти андоз набудани чунин шахсон, даромади аз иҷора гирифтани субъектҳои хоҷагидори мазкур аз андозбандӣ дур монда истодааст.

Аз ин рӯ, аз субъектҳои хоҷагидори моҳипарвар даъват ба амал оварда мешавад, ки манбаъҳои андозбандишавандаро дар ҳисоботи андозӣ дуруст нишон диҳанд ва дар риояи қонунгузории андоз масъулият эҳсос намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Пешниҳоди эъломияҳои андоз

**Мутобиқ ба талаботи моддаи 304 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиби пешниҳоди ҳисоботи андоз» истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ҳар сол бояд то санаи 1-уми март ба мақомоти андози маҳалли қайди худ эъломияи андози ягонаро барои соли ҷории тақвимӣ дар шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод намоянд. Андози ягонаро истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар чор давра бо андозаҳои гуногун пардохт мекунанд. Назорати пардохти андози ягона аз ҷониби мақомоти андоз бо кӯмаки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ мешавад.**

Ноҳияи Бобоҷон Ғафуров яке аз калонтарин навоҳии кишоварзии вилояти Суғд маҳсуб меёбад. Аз рӯи маълумоти Нозироти андози ноҳия, имрӯз дар ҳудуди он 6 ҳазору 193 хоҷагии деҳқонӣ ва 92 адад кооперативи истеҳсолии фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудаанд. Масоҳати умумии заминҳои



кишоварзии ноҳия 98 ҳазору 585 гектарро ташкил медиҳад. Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар қисмати воридоти андозҳои ноҳия баробар ба 17,5 фисад аст.

Дар асоси Фармоиши сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд аз 20.02.2019 имрӯзҳо Гурӯҳи корӣ дар ноҳияи Б. Ғафуров дар фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ, пешниҳоди эъломияи андози ягона корҳои назоратӣ гузаронида истодааст.

Тавре мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии Раёсати андоз дар вилояти Суғд Ҷаҳонбахт Ҳусинов мегӯяд, ҳамагӣ 93,0 фоизи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолии ноҳияи Б. Ғафуров эъломияи андози ягонаро ба мақомоти андоз пешниҳод намудаанду халос. Тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ӯҳдадоранд эъломияи андози ягонаи худро то санаи 1 марти соли ҷорӣ ба мақомоти андози пешниҳод намоянд. Мутаассифона, талаботи мазкур аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ пурра риоя нашудааст. Яъне, аз 6 ҳазору 193 адад хоҷагии деҳқонӣ, ки супорандагони андози ягона мебошанд, 433 ададашон ба мақомоти андоз ҳозир нашудаанд.

Бо мақсади барқарор намудани пешниҳоди эъломияҳои андоз аз ҷониби Гурӯҳи кории Раёсати андози вилоят дар байни хоҷагидорони соҳаи кишоварзӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида истодааст. Зеро дар асоси муқаррароти моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сари вақт пешниҳод накардани пешниҳоди эъломияи андози ягона ҷаримаи маъмурӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳамзамон, бо мақсади ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дар ин самт ва ба андозбандии пурра ҷалб намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ дар соли 2019 ва кам кардани бақияи қарзи хоҷагиҳои кишоварзӣ аз ҷониби Нозироти андози ноҳияи Б. Ғафуров миёни хоҷагидорон корҳои назоратӣ ҷараён дорад.

Бояд зикр намуд, ки дар натиҷаи фаъолияти кории Раёсати андоз дар вилояти Суғд танҳо дар моҳи феврали соли ҷорӣ дар ноҳияи Б. Ғафуров 16 адад хоҷагии кишоварзӣ дар мақомоти андоз ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд.

Як нуктаро бояд тазаккур дод, ки дар заминаи сода намудани ҳисобу пардохти андозҳо дар асоси нишондоди моддаи 298 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ, ки супорандагони андози ягона мебошанд, аз пардохти андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андози замин озод шудаанд. Ин ҳам як навъ имтиёз ва дастгирии давлату Ҳукумати Тоҷикистон нисбат ба соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки ба рушду тараққиёти минбаъдаи он, беҳтару мустаҳкам гардидани пояҳои молиявии ҳар як хоҷагии соҳа, мусоидат хоҳад кард.

Хуб мешуд, агар дар ҷавоб ба ин ғамхориҳои давлат нисбати соҳаи кишоварзӣ дар навбати худ хоҷагидорон ва соҳибони замин низ андозҳои давлатиро сари вақт пурра пешниҳод менамуданд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

## Вохӯрӣ бо рӯзноманигорон

**Бо ташаббуси роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 – уми марти соли 2019 бо рӯзноманигорони ҷумҳурӣ вохӯрӣ баргузор гардид.**

Дар он муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Пӯлодҷон Юсуфӣ, Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зинатулло Исмоилзода, сардорони Раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз иштирок намуда, ба суолҳои хабарнигорон посухҳои мушаххас доданд.

П. Юсуфӣ рӯзноманигоронро бо Рӯзи матбуоти тоҷик табрик намуда, аз ҷумла зикр кард, ки дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзноманигорони нашрияҳои давлатию хусусӣ ва соҳави кишвар дар шароити хубу фазои озод фаъолият мекунанд.

Мавсуф оид ба эътимоди комил доштани мардум ба рӯзномаву расонаҳо андешаашро баён дошта, қайд намуд, ки матбуот ифодакунандаи афкори омма ба шумор рафта, пешрафти ҷомеа бе он имконнопазир аст. Зеро нашру инъикоси муҳимтарин ҳодисаву воқеот, дастовард ва навигариҳои тамоми соҳаҳо, маҳз бо кӯшишу заҳматҳои рӯзноманигорон ба ҷомеа пешниҳод мегардад.

- Имрӯзҳо хуб эҳсос мешавад, ки журналистон дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ба соҳаи андоз низ таваҷҷуҳи хоса доранд ва ин роҳбарияти мақомоти андозро водор менамояд, ки ҳамкориро бо расонаҳо боз ҳам мустаҳкамтар намоянд, - илова намуд. П. Юсуфӣ.

Зинатулло Исмоилзода иқдоми роҳбарияти Кумитаи андозро дар самти баргузор намудани чунин нишасти матбуотӣ фоли нек арзёбӣ намуда, қайд кард, ки мақсад пеш аз ҳама тадриҷан рушд намудани журналистикаи соҳавӣ аст ва ба гуфтаи ӯ бояд ҳар як соҳа журналистикаи хоси худро дошта бошад.

Дар охир, журналистон ба суолҳои пешниҳоднамудаи худ оид ба имтиёзҳои андозӣ, тарзи дурусти пешпардохти маблағҳои андоз, бақияи қарзи андоз ва дигар масъалаҳои алоқаманд ба андозу андозбандӣ посухҳои мушаххас гирифтанд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## Ҷамъоварии маблағи патент бо дарназардошти индексатсия



Дар Нозироти андози ноҳияи Спитамени вилояти Суғд барои татбиқи амалии Фармоиши якҷояи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми январи соли 2019 «Оид ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент», ҷорӣ кардани меъёрҳои дар асоси Фармоиши муштарак тасдиқшуда бо дарназардошти коэффитсиентҳои минтақавӣ нисбат ба соҳибкорони инфиродие, ки бо патент фаъолият менамоянд, тадбирҳои амалӣ меандешанд. Бо ин мақсад дар байни соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият доранд, доир ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешаванд.

Бино ба маълумоти сардори Нозироти андози ноҳияи Спитамен Шамсимаҳмад Орипов солҳои охир шумораи соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда дар ҳудуди ноҳия тадриҷан афзуда истодааст. Ҳамзамон, воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ тибқи патент сол аз сол бештар мегардад. Масалан, агар шумораи соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолиякунанда ба санаи 1-уми январи соли 2018 дар ноҳия 1699 ададро ташкил медод, ба ҳолати 1-уми январи соли 2019 ин рақам ба 1789 адад расидааст.

Дар ду моҳи соли 2019 аз ҷониби бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Спитамен 105 нафар соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд.

Аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ бо патент дар ҳамин ду моҳ ба буҷети давлатӣ 418 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардидааст. Айни ҳол соҳибкорон маблағи патентро барои моҳҳои феврал ва март бо дарназардошти индексатсия пардохт намуда истодаанд.

Ҳаҷми маблағи воридшуда ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунандаи ноҳия дар соли 2018, дар маҷмӯъ, 2 миллиону 823 ҳазор сомониро ташкил додаст.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА, вилояти Суғд**

# Санади муқоисавӣ

**Дар сурати ошкор гардидани ҳолатҳои номутобиқатии маълумот оид ба маблағҳои изофа пардохтшуда ва бақияи қарзи андозҳо дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон мақомоти андоз зарур медонад, ки бо онҳо санади муқоисавӣ тартиб диҳанд.**

Тибқи супоришҳои протоколи ҷаласаҳои кории Ҳайати Мушовара мақомоти ҳудудии андоз муваззаф гардидаанд, ки ҷиҳати аниқ (ислоҳ) намудани маълумот дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон санади муқоисавӣ тартиб диҳанд. Аммо новобаста аз супоришҳои қатъии мақомоти андоз ҳоло ҳам номутобиқатии маълумот ва дар баъзе мавридҳо нодуруст тартиб додани санадҳои муқоисавӣ ба назар мерасад.

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти ҳудудии андоз дар соли 2018-ум бо 89,0 фоизи шахсони ҳуқуқӣ, 87,5 фоизи соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятдошта, 78,2 фоизи хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва инчунин, бо 74,8 фоизи соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шудааст.

Бояд гуфт, ки ҳанӯз ҳам дар як қатор шаҳру ноҳияҳо ба масъалаи тартиб додани санадҳои муқоисавӣ диққати ҷиддӣ намедиҳанд. Чуноне, ки маълум гардид, дар соли 2018-ум дар Нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Ховалинг бо 63,4 фоиз, Шамсиддини Шоҳин – 57,8 фоиз, Кушониён – 66,5 фоиз ва Ҷайҳун – 66,7 фоизи шахсони ҳуқуқӣ санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шудаасту халос.

Ҳолатҳои кам тартиб додани санадҳои муқоисавӣ бо хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқии фаъолиятдошта низ дар бисёр шаҳру ноҳияҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Восеъ ҳамагӣ 55,2 фоиз, Фархор – 58,3, Данғара – 69,7, Шамсиддини Шоҳин – 39,7, Ҷайҳун – 69,7, Ёвон – 64,3, Носири Хусрав – 57,6 фоиз ва Ашт – 42,5 фоиз бо хоҷагиҳои деҳқонӣ санадҳои муқоисавӣ тартиб додаанд.

Тибқи маълумоти мақомоти ҳудудии андоз дар давраи соли 2018-ум дар натиҷаи тартиб додани санадҳои муқоисавӣ аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ дар вилояти Хатлон 4,6 млн. сомонӣ бақияи қарзи андозҳо кам ва дар дигар ҳолатҳо 8,1 млн. сомонӣ зиёд гардидааст. Инчунин, дар вилоят аз ҳисоби изофапулиҳо 8,3 млн. сомонӣ кам ва дар дигар ҳолатҳо дар ҳаҷми 2,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Дар вилояти Суғд, маблағи ҳолатҳо дар ҳаҷми 177,2 ҳазор сомонӣ зиёд гардид.

Ба ҳамин монанд, дар Нозироти андоз дар шаҳри Норак бо 721 адад субъектҳои хоҷагидор санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шуд, ки дар натиҷа аз ҳисоби бақияи қарзи андозҳо пардохти 372,5 ҳазор сомонӣ ба буҷет таъмин гардид.

Инчунин, бо 2440 субъекти хоҷагидори Нозироти андоз дар ноҳияи Зафаробод тартиби санадҳои муқоисавӣ сурат гирифтааст. Аз ҳисоби маблағи қарзи андозҳо 328,5 ҳазор сомонӣ кам шуд. Дар баробари ин, аз ҳисоби маблағҳои изофапулӣ 470,2 ҳазор сомонӣ коҳиш дода шуд.



бақияи қарзи андозҳо 18,4 млн. сомонӣ кам ва, маблағи изофапулиҳои бавуҷудомада 19,8 млн. сомонӣ кам шудааст. Дар шаҳри Душанбе, аз ҳисоби тартиб додани санадҳои муқоисавӣ бо шахсони ҳуқуқӣ маблағи бақияи қарзи андозҳо дар ҳаҷми 17,2 млн. сомонӣ кам ва дар дигар ҳолатҳо дар ҳаҷми 1,8 млн. сомонӣ зиёд гардидааст. Аммо маблағи изофапулиҳо 18,4 млн. сомонӣ кам шудааст. Дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ маблағи қарзи андоз дар ҳаҷми 4,9 млн. сомонӣ коҳиш ёфтааст, ки 3,9 млн. сомонӣ аз ҳисоби изофапулиҳои ба вуҷудомада кам гардидааст. Инчунин, дар ин давра аз ҳисоби тартиб додани санадҳои муқоисавӣ бо соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятдошта ба маблағи 4,3 млн. сомонӣ бақияи қарзи андозҳо ва 4,9 млн. сомонӣ изофапулиҳо кам шуд.

Дар рафти санҷиши гузаронидаи Раёсати аудити Кумитаи андоз маълум гардид, ки дар Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷалолиддинӣ Балхӣ мушкилот ҷой дорад. Бинобар ин, дар фаъолияти 1786 адад субъектҳои хоҷагидори ноҳия тартиби санадҳои муқоисавӣ сурат гирифт. Дар натиҷа, 642,8 ҳазор сомонӣ бақияи қарзи андозҳо кам ва дар дигар

Дар Нозироти андоз дар ноҳияи Деваштич низ бо 2056 субъектҳои хоҷагидор санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шуд. Дар натиҷа, 682,3 ҳазор сомонӣ бақияи қарзи андозҳо кам ва 213,0 ҳазор сомонии изофапулиҳо коҳиш дода шудааст.

Гурӯҳи корие, ки ба шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд сафарбар гардид, бо андозсупорандагон барои ислоҳи камбудиҳои ҳисобварақаҳои андозияшон санади муқоисавӣ тартиб дода шуд.

Ҳамзамон, аз натиҷаи корҳои анҷомдодаи Гурӯҳи корӣ дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ бармеояд, ки мушкилӣ дар ин самт зиёд буда, барои рафъи онҳо тартиби гузаронидани санади муқоисавиро роҳандозӣ карданд. Аз ҳисоби бақияпулиҳои қарзи андозҳо 13,9 млн сомонӣ коҳиш ёфтааст.

Бо дарназардошти ҳолатҳои қайдгардида ва ҷиҳати давра ба давра ислоҳ намудани камбудиҳои дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон ҷойдошта мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шуданд, ки талаботи мактубҳои дастурии Кумитаи андозро оиди бо андозсупорандагон дуруст тартиб додани санадҳои муқоисавӣ, риоя намоянд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН, Неъматулло НУРОВ**

# Мафҳуми хизматрасонӣ

## Тафсири он дар қонунгузории Тоҷикистон

**Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимаи дуюми солҳои 90-ум мафҳуми «хизматрасонӣ» ифодаи равшантари худро пайдо кард. Оғози солҳои 90-ум сатҳи тоистилоҳотии инкишофи қонунгузориро ифода намуд, ки дар натиҷа Асосҳои қонунгузории граждании соли 1991 масъалаҳои танзими ҳуқуқии хизматрасониро фаро нагирифт. Номгӯи бобҳои намудҳои алоҳидаи шартномаҳо тавре ки дар Кодекси граждании соли 1964 вуҷуд дошт, ҳамон тавр боқӣ монд. Аммо, аллакай дар соли 1994 мафҳуми хизматрасонӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ, яъне Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардид. Мафҳуми хизматрасонӣ дар Конститутсия бо вожаи «ёрӣ» ифода ёфта, дар се моддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст:**

*- Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад (моддаи 19);*

*- Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва сайёҳӣ тадбирҳо меандешад. Шаклҳои дигари ёрии тиббиро қонун муайян мекунад (моддаи 38);*

*- Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳалаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқиро қонун муайян мекунад (моддаи 92).*

Ҳамин тавр, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониро бо мол ва воситаҳои молиявӣ дар як қатор мегузорад. Баробаркунии хизматрасонӣ ба мол ва воситаҳои молиявӣ имкон медиҳад гӯем, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматро ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ муайян мекунад. Хизматрасонии қайдгардида минбаъд тасдиқи худро дар моддаи 140 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонист таҷрибаи танзими ҳуқуқии хизматрасонии дар он вақт таъсисёфтаро ба инобат нагирад. Зарурати ҷудо кардани бобҳои алоҳидаи Кодекси гражданӣ, ки ба хизматрасонӣ бахшида шудааст, ба миён омад. Ҳамин тавр, бори аввал дар таърихи Тоҷикистон Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 боби алоҳидаро тахти унвони «Хизматрасонии пулакӣ» ҷудо намуд. Барои танзими намудҳои дигари хизматрасонӣ дар Кодекси гражданӣ боби мустақили 37 таҳия гардид.

Боби 37 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳафт моддаро дарбар гирифта, аз як тараф дар ин моддаҳо танзими пурраи ҳуқуқии ҳама намудҳои уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии пулакӣ, аз тарафи дигар дар чунин ҳолати гуногунии хизматрасониҳои мавҷуда дар боби мазкур махсусияти танзими ҳуқуқии ҳама намуди хизматрасонӣ дарҷ гардидааст.

Бинобар ин, ба ақидаи мо, зарур аст, ки танзими ҳар як уҳдадорӣ дар алоҳидагӣ оид ба хизматрасонии пулакӣ, аз ҷумла уҳдадорӣ оид ба хизматрасонии техникии бино ва иншоот бояд бо дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шавад, на бо Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аммо, муқаррароти умумӣ барои ҳама намудҳои хизматрасонӣ бояд дар боби 37 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёбад. Аз ҷумла, дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мафҳуми «хизматрасонӣ» ҷой дода шавад. Қайд намудан зарур аст, ки мафҳуми «хизматрасонӣ» дар қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон вуҷуд надорад.

Аммо, ба мавҷуд набудани мафҳуми «хизматрасонӣ» нигоҳ накарда, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «хизматрасониро» аз «кор» ҷудо мекунад. Ҷудокунӣ бо роҳи муқоиса намудани мафҳуми «шартномаи пудрат», ки дар моддаи 714 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, бо мафҳуми «шартномаи хизматрасонии пулакӣ», ки дар моддаи 797 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ба амал бароварда мешавад. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моддаҳои 714 ва 797 маҳдуд нагардида, инчунин, мафҳуми хизматрасониро дар якчанд моддаҳо хотиррасон мекунад. Масалан, дар моддаҳои 1, 2 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон «хизматрасонӣ» ба «мол ва воситаҳои молиявӣ» муқобил гузошта мешавад (б.3.м.1 Кодекси гражданӣ), инчунин, ба «молу мулк», «мол» ва «кор» (б.1 м.2 Кодекси гражданӣ). Дар моддаи 140 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ба хизматрасонӣ ашёҳо, корҳо, иттилоот, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва неъматҳои ғайримоддӣ хизмат мекунад. Ҷудо кардани «кор» ва «хизмат» бо дигар соҳаҳои қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад. Аз ҷумла, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 8 ба шумораи объектҳои андозбандӣ дар



баробари молу мулк, кор ва хизмат, ба кор дохил мекунад: «Барои мақсадҳои андозбандӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти мустақиле дониста мешавад, ки тахти таваккали худи шахсоне, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бояд ба ҳамин сифат ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, амалӣ карда мешавад ва барои ба даст овардани фоидаи (даромади, ҷуброни) мунтазам аз истифодаи молу мулк, фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасонӣ равона гардидааст» Дар ин ҳолат, дар м. 8 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан қайд гардидааст, ки мафҳуми «кор», «хизматрасонӣ» дар Кодекси андоз танҳо «ба мақсади андозбандӣ» дода шудааст. Хизматрасонӣ – ҳама гуна фаъолият бар ивази подош, ки таҳвили мол ё иҷрои кор намебошад, аз ҷумла, фаъолияти савдо, хизматрасонии молиявӣ, ба иҷора додани молу мулки моддӣ, додани молу мулки ғайримоддӣ (м.17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар як қатор санадҳои махсуси дигар, мафҳумҳои дигари «хизматрасонӣ» истифода шудааст. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» аз 3 марти соли 2006, №168. Хизматрасонӣ – натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва корҳое, ки ба дигаргуншавии хусусияти объектҳои моддӣ вобаста намебошанд, маънидод гардидааст.

Вобаста аз он ки дар кадом шакл натиҷаи фаъолияти хизматрасонӣ зоҳир мешавад, инчунин вобаста аз он ки оё натиҷаи нисбати ин гуна фаъолият кафолат дода мешавад ё не, хизматрасониро ба материалӣ ва ғайриматериалӣ ҷудо мекунад. Хизматрасонии материалӣ зуҳури объектии худро ё дар ашёи табиат ва ё дар шахсияти худи истифодабарандагони хизмат намоён мекунанд. Онҳо дар бунёди ашёи нав, интиқоли он аз як ҷо ба ҷои дигар дар он дохил намудани тағйирот ва ғайра зоҳир мешаванд. Ба хизматрасонии материалӣ чунин хизматҳо дохил мешаванд, ки дар ҳаёти худи инсон татбиқ мегарданд. Масалан, хизмати сартарош, корманди ҳаммом, мусофиркашон ба мусофирон хизмат мекунад. Ҳар навъе, ки хизматрасонии материалӣ зоҳир шавад, натиҷаи онро шахсе кафолат медиҳад, ки ба расонидани хизмат машғул аст, яъне хизматрасон аст.

Ҳамин тавр, таҳлили гузаронидашудаи мафҳуми «хизматрасонӣ» имкон медиҳад оид ба зарурати додани мафҳуми баррасишаванда хулоса намоем. «Зери хизматрасонӣ шакли ҳуқуқии амалигардонӣ ва истеъмоли неъматҳои ғайримоддӣ ба мақсади гирифтани самараи фоиданоки хусусияти ғайримоддидошта фаҳмида мешавад». Ин мафҳумро пешниҳод менамоем, ки ба моддаи 797 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шавад. Дар шароити набудани мафҳуми қонунгузории хизматрасонӣ, мафҳумҳои хизматрасонии ба воситаи категорияҳо пешбинишуда, дар қонунгузорӣ дарҷгардида, имкон медиҳад дуруст, ягона мафҳуми шартномаи хизматрасонии пулакиро кушоем. Мушаххасгардонии минбаъдаи мафҳумҳои намудҳои хизматрасонии пулакӣ бояд нисбати ҳар як намуди хизматрасонӣ дар қонуни махсуси кишвар амалӣ шавад. Дар айни замон, аллакай Қонунҳо ва қарори Ҳукумат вуҷуд дорад, ки барои танзими намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ қабул карда шудааст. Масалан, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ» аз 18 июли соли 2017, № 1450; «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли соли 2013, № 993; «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, № 524 ва ғайра.

Аммо, қарорҳои нашршудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон на мафҳуми «хизматрасониро», балки танҳо ҷараёни хизматрасониро дарбар мегираду халос. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мафҳуми хизматрасонии техникии бино ва иншоот низ вуҷуд надорад. Дар навбати худ Кодекси гражданӣ инчунин мафҳуми хизматрасониро дарбар нагирифта, танҳо мавҷуд будани онро нишон медиҳад. Мавҷуд набудани чунин мафҳумҳо ба он меорад, ки субъектҳои уҳдадории хизматрасонии пулакии техникии бино ва иншоот наметавонад муайян намоянд, ки бо кадом меъёри ҳуқуқ муносибати онҳо танзим мешавад. Номуайянӣ дар меъёрҳои танзими ҳуқуқӣ ба ғайриимкон будани ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектон дар ҷараёни хизматрасонӣ оварда мерасонад.

Дар зери хизматрасонии техникии бино ва иншоот амалигардонӣ ва истеъмоли неъматҳои ғайримоддие (донишҳои касбӣ оид ба хизматрасонии техникии бино ва иншоот) фаҳмида мешавад, ки дар қонун ё шартнома асоснок гардидааст ва ба гирифтани самараи фоиданоки ғайримоддӣ аз ҷониби фармоишгар равона шудааст.

**Ситорапошшо ТУРСУНОВА,**
**сардори гурӯҳи баҳисобгирии даромадҳои шуъбаи Нозироти андозсупрандагони миёна дар вилояти Суғд**

# Санъаткорони аз андоз қарздор

**Тибқи маълумоти шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Нозироти андози шаҳри Кӯлоб дар моҳи январи соли 2019-ум 21 нафар соҳибкори инфиродие, ки тибқи патент ба фаъолияти санъаткорӣ аз ҷумла, сарояндагӣ ва навозандагӣ машғул буданд, ба қайд гирифта шудаанд.**



Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳар нафаре, ки ба фаъолияти ин ё он намуди соҳибкорӣ машғул мешавад, ҳатман ба андозбандӣ ҷалб мегардад. Дар банди 30-32 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 31 августи соли 2012, таҳти №451 мавриди амал қарор дорад, омадааст, ки сарояндагӣ, навозандагӣ, раққосӣ ва барандагӣ, ки дар ҷашну маъракаҳо ҳунарнамоӣ мекунанд, бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд. Ҳарчанд дар шаҳри Кӯлоб санъаткорон бо патент таъмин бошанд ҳам, мутаассифона, маблағи бақияи қарзи андозашон дар ҳоли афзоиш аст.

Нусратулло Саъдуллоев аз қабили санъаткоронест, ки маблағи қарзи андозҳояш дар ҳоли афзоиш аст. Номбурда аз соли 2015 дар Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ҳамчун навозанда ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Маблағи бақияи қарзи андози ӯ 5 ҳазору 435 сомонӣ расидааст. Навозандаи дигар Шамшерҷон Давлатов низ дар назди буҷет ба маблағи 3 ҳазору 142 сомонӣ қарзи андоз дорад. Муҳаммад Ҳасанов, ки соли 2016 ҳамчун навозанда дар мақомоти андози шаҳри Кӯлоб ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз андоз 418 сомонӣ қарздор аст. Зафарҷон Ганҷалов низ аз ҳамин қабил навозандагони қарздор мебошад. Маблағи бақияи қарзаш 1025 сомониро ташкил медиҳад. Сайвалӣ Ҷуракулов, соли 2017 дар Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб ҳамчун сароянда ба қайди давлатӣ гирифта шуддааст. Номбурда аз андоз 10 ҳазору 126 сомонӣ қарздор аст.

Ба ҳамин монанд, шумораи зиёди сароядагону навозандагонро метавон номбар кард, ки дар назди буҷет маблағи калони қарзи андоз доранд. Дар моҳи январи соли ҷорӣ аз ҳисоби соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент ба фаъолияти санъаткорӣ машғуланд, ба буҷети ҷумҳурӣ 6 ҳазору 817 сомонӣ маблағи андоз ворид гардидааст.

**И. РАҶАБАЛӢ, шаҳри Кӯлоб**

# Рафти бақайдгирии соҳибкорон

Яке аз вазифаҳои бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод ба сокинони ноҳия, ройгон додани рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) мебошад, - гуфт мутахассиси бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ Раҳмоналӣ Сатторов.

Мавсуф ҳамчунин, қайд кард, ки дар асоси талаботи моддаи 26 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) ба шаҳрвандоне дода мешавад, ки синнашон ба 16 расидааст. Мавсуф гуфт, ки соли гузашта 4 ҳазору 674 нафар сокини ноҳияи Муъминобод соҳиби РМА гардиданд. Дар ин давра бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии андози ноҳия 137 адад хоҷагӣ деҳқониро ба қайди давлатӣ гирифтанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2017-ум 15 адад зиёд мебошад.

Раҳмоналӣ Сатторов дар бораи андозбандии хоҷагиҳои деҳқонӣ гуфт, ки дар соли сипаригардида танҳо аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ маблағи 13 ҳазору 700 сомонӣ ба буҷети давлатӣ ворид гардид. Аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ 8 нафар, соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда 71 нафар ба қайди давлатӣ гирифта шуданд. Дар ин давра аз ҳисоби соҳибкорон 3 ҳазору 550 сомонӣ ба буҷети давлатӣ пардохт гардидааст. Соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 13 адад ба қайд гирифта шуданд, ки маблағи 1300 сомонӣ ба буҷет пардохт гардид. Ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар ҳудуди ноҳияи Муъминобод 4 ҳазору 321 адад хоҷагии деҳқонӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуданд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, шаҳри Кӯлоб**

# Тадбирҳои СУДБАХШ

**Бақияи қарзи андозҳо дар вилояти Хатлон то ҳол чун масъалаи доғи рӯз боқӣ мондааст. Вале баҳри кам намудан ва пешгирии ҳолатҳои зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо, шумораи андозсупорандагони қарздор ва таъмини иҷрои қарорҳои дар ин самт қабулгардида пайваста чораҳо андешида мешавад.**



Ба ҳолати 1 феврали соли 2019 бақияи қарзи андозҳо дар вилояти Хатлон, дар маҷмӯъ, 180,8 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли равон ба маблағи 2,2 млн. сомонӣ кам шудааст. Шумораи андозсупорандагони қарздор дар ин давра 25630 адад (шахсони ҳуқуқӣ 4809 адад ва соҳибкорони инфиродӣ 20821 адад)-ро дар бар гирифта, нисбат ба аввали сол 47 адад кам гардидааст.

Бо мақсади рӯёнидани бақияи қарзи андозҳо дар давоми 2 моҳи соли ҷорӣ ба 291 адад андозсупорандаи қарздор оид ба пардохти қарзи андозҳо ба маблағи умумии 6,8 млн. сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет 2 млн. сомонӣ ворид шудааст. Инчунин, тариқи ғайрисудии маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар давоми 2 моҳи сипаригардидаи соли ҷорӣ дар сатҳи вилоят нисбати андозсупорандагони қарздор ба маблағи умумии 41,9 млн. сомонӣ 661 адад қарор қабул гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет 6,1 млн. сомонӣ ворид шудааст. Аз шумораи умумии 661 адад қарори қабулгардида иҷрои 95 адади он пурра таъмин гардидааст.

Бояд гуфт, ки қарорҳои қабулгардида, аслан, нисбати хоҷагиҳои кишоварзӣ зиёдтар қабул шудааст ва яке аз сабабҳои пурра иҷро нагардидани ин қарорҳо дар он мебошад, ки аз ҷониби комиссияҳои таҷдиди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо заминҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ дар асоси қарорҳои дахлдори раисони шаҳру ноҳияҳо таҷдид ва ба дигар нафарон тақсим карда шудаанд. Ҳангоми тақсимоти заминҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳарчанд моликияти дар тавозуни онҳо қарордошта пурра тақсим шудааст, вале ҷиҳати тақсимоти маблағи қарзи андозҳо, умуман чораҷӯӣ нашудааст. Маҳз ҳолати мазкур боиси зиёдшавӣ ва пардохт нагардидани бақияи қарзи андозҳо гардидааст. Ҳол он ки мутобиқи қисми 7-и моддаи 60 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон "шахсоне, ки замини шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда – корхонаи кишоварзӣ ба онҳо дода мешавад, аз рӯи маблағи боқимондаи қарзи андози ҳамин шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда масъулияти иловагӣ доранд". Мутаассифона, талаботи мазкур аз ҷониби комиссияҳои таҷдиди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо на дар ҳама ҳолат ба инобат гирифта мешавад.

Раёсати андози вилояти Хатлон дар доираи ҳуқуқу ваколатҳои худ баҳри пешгирии ҳолатҳои пайдоиш ва зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо, кам намудани шумораи андозсупорандагони қарздор ва таъмини иҷрои қарорҳои қабулгардида дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо тамоми чораҳои иловагӣ андешида истодааст. Дар ин самт бо андозсупорандагони қарздор вохӯриҳо ва корҳои тарғиботиву фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шудааст.

**Ш. САФАРЗОДА, сардори шуъбаи ситонидани қарзи андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Хатлон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Китай в 2019 г. собирается снизить налоговую нагрузку на 194 млрд долларов

## План снижения налоговой нагрузки будет более агрессивным по сравнению с 2018 г.

**Власти Китая в 2019 г. собираются уменьшить налоговую нагрузку на 1,3 трлн юаней (примерно 194 млрд долл.) для содействия развитию производства и частного бизнеса. Об этом написала газета China Daily со ссылкой на источник в Минфине КНР, пишет ТАСС.**

План снижения налоговой нагрузки в 2019 г. более агрессивный по сравнению с 2018 г., пишет издание. Он будет сосредоточен на уменьшении ставок НДС.

По словам замглавы Государственного налогового управления КНР Жэнь Жунфа, «снижение налогов и сборов занимает особое место в работе налоговых органов Китая в текущем году». «Мы уже внесли определенные изменения и обновили систему взимания в рамках подготовки к дальнейшему сокращению налоговой нагрузки», — отметил он.

Стоит отметить, что успешная реализация намеченных планов позволит увеличить прибыль частных компаний в среднем на 2%. При этом сокращение налоговой нагрузки на производство особенно актуально в условиях замедления темпов экономического роста в Китае, сокращения спроса, а также внешнего давления на экономику страны в условиях торговых трений с США.

**http://taxpravo.ru**

**Бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, таҳкими иқтидори саноатию содиротии ҷумҳурӣ, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2018 №990 «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» ба тасвиб расид.**

## МОРАТОРИЙ:

# Фазои мусоид барои соҳибкорон



Ёдовар мешавем, ки дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2018 ба санҷишҳои ҳама намуди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ба муҳлати ду сол мораторий эълон гардида буд. 15 январи соли 2019 ба фармони мазкур тағйир ворид гардида, тибқи он ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ то 1 январи соли 2021 мораторий эълон шуд.

Дар шарҳи Фармони мазкур омадааст, ки мақсади эълон намудани мораторий, дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои кории нав, таҳкими иқтидори саноатию содиротии ҷумҳурӣ, кам намудани санҷишҳо ва фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Муносибатҳои вобаста ба мораторийи эълоншуда дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» танзим гардида, минбаъд муқаррароти он ба ҳама мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук татбиқ карда мешавад.

Сомонаи Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон менависад, ки субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродие ҳисобида мешавад, ки ба қайди давлатӣ гирифта шуда, ба истеҳсоли молу маҳсулот машғул мебошанд. Рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки ба соҳаи истеҳсоли маҳсулот мансубанд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи омор ва Шӯрои ҳамоҳангсози фаъолияти мақомоти санҷишӣ пешниҳод мешавад. Шӯрои мазкур қарорро дар хусуси ворид намудани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ ба Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ қабул менамояд. Дар асоси ин қарор мақоми ваколатдори давлатӣ вазифадор аст, ки дар давоми на дертар аз 3 рӯз ин шахсро ба Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ дохил намояд. Айни замон дар феҳристи мазкур 1973 субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ ворид шудааст.

Фароҳам овардани чунин фазои мусоид ба соҳибкорон имконият медиҳад, ки дар самти истеҳсолот муваффақ шуда, иқтидори саноатии кишварро таҳким бахшанд. Аз ин лиҳоз, соҳибкоронро зарур аст, ки аз чунин дастгирию имтиёзот самаранок ва ба манфиати рушди истеҳсолот истифода кунанд.

Бояд гуфт, ки Ҳукумати мамлакат ҳамаи захираву имкониятҳоро барои таҷдиду бунёди инфрасохтори иқтисодиву иҷтимоӣ, ворид намудани технологияҳои ҳозиразамон, ҳалли масъалаҳои вобаста ба соҳаҳои обу энергетика, махсусан, истифодаи манбаъҳои энергияи барқароршаванда ва татбиқи «иқтисодиёти сабз», фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузориву соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ ва таъмини волоияти қонун сафарбар кардааст.

Ин аст, ки солҳои охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои дастгирии соҳаи саноат, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо шуда истодаанд.

Дар ин робита, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ба Маҷлиси Олии кишвар (26.12.2018) пешниҳод кардаанд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар мамлакат «300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ» амалӣ карда шавад.

Муовини директори кулли ҶДММ «Спитаментекстайл» Сангинмурод Ҳакимзода мегӯяд, ки нуктаи дигари муҳиме, ки зимни ироаи Паёми Пешвои миллат ҷомеаро рӯҳбаланд сохт, ин эълон шудани мораторий ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар ду соли минбаъда аст. Ҳадаф аз ин, асосан, пешгирии санҷишҳои беасосу такрорист. Масалан, гоҳо мешуд, ки як сохтори назоратӣ санҷишро ба итмом нарасонда, сохтори дигарро «истиқбол» мекардем. Табиист, ки баҳсу муайянсозии вазъи воқеӣ вақти қиматро мегирифт ва ба раванди муътадили истеҳсолот таъсир мерасонд. Аз ин рӯ, иқдоми шоистаи Пешвои миллат ғамхорӣ дар ҳаққи соҳибкорони ватанӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ буда, дарояндаи наздик самари даҳчанд хоҳад овард.

Яке аз хусусиятҳои мораторий аз он иборат аст, ки дар ин давра татбиқи як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳои ҷангал, гумрук, шаҳрсозӣ, меҳнат, тандурустӣ ва дигар қонунҳои амалкунанда ҳатмӣ мешавад. Ба ғайр аз ин, як қатор меъёрҳое пешниҳод гардидаанд, ки метавонанд ба манфиати андозсупоранда хидмат кунанд. Масалан, санҷиши нақшавии ҳуҷҷатии аввалини фаъолияти соҳибкории хурд, ки супорандаи андози низоми содакардашуда мебошад, танҳо баъди сипарӣ шудани 36 моҳ аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ, мумкин аст. Ин муҳлат қаблан 24 моҳро ташкил медод. Дар шаш моҳ гузарондани беш аз як санҷиш манъ карда мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ» мафҳумҳои мораторий ба санҷишҳо, субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, давраҳои мораторий ба санҷишҳо ва ғайра возеҳу равшан шарҳ дода шудаанд. Масалан, мораторий ба санҷишҳо ҳамчун муваққатан боздоштани қисми муайяни ваколатҳои дар асоси қонуни мазкур ва ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраршудаи мақомоти ваколатдори давлатии санҷишӣ вобаста ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ба ҳисоб рафта, санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, мутобиқи талаботи қонунгузорӣ, ҳамчун шакли фаъолияти мақоми давлатии санҷишкунанда оид ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти субъекти хоҷагидор маънидод гардидааст.

Дар ҷавоби ин ҳама ғамхориҳо соҳибкоронро зарур аст, ки ба хотири васеъ намудани фаъолияти худ, ворид кардани технологияҳои муосир, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатпазир ва ба содирот нигаронда шуда, инчунин, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳарчи бештар кӯшиш намоянд. Имрӯз, ки иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ қарор дорад, моро зарур аст, ки рушди истеҳсолотро тавсеа ва содироти онро ба бозори ҷаҳонӣ таъмин намоем. Таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкории хурду миёна ба рушди пурраи иқтисодиёт ва умуман, пешрафти кишвар хуб мусоидат кардаанд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

---

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Налог на имущество для бизнесменов предложили изменить в Казахстане

Налог на имущество для бизнесменов предложили изменить в Казахстане, сообщает корреспондент Tengrinews.kz.

Депутаты Сената Парламента просят пересмотреть вопрос налогообложения объектов, используемых в предпринимательской деятельности. В частности, речь идет об исчислении налога на имущество. Причиной они назвали то, что не обеспечивается полнота поступления налогов.

«Существующая модель определения балансовой стоимости объекта для исчисления налога на имущество, в особенности такое, как рестораны, гостиницы, торговые центры и другие развлекательные заведения, не отражает реальной стоимости объекта, что приводит к занижению налогооблагаемой базы, и, соответственно, не обеспечивается полнота реальных поступлений налога на имущество по данным видам объекта, что приводит к значительным потерям местных бюджетов», - отмечает председатель Комитета по финансам и бюджету Сената Ольга Перепечина.

Сенатор Перепечина привела пример: в Алматы, Астане и Шымкенте есть торговые объекты, балансовая стоимость которых за один квадратный метр составляет 4-5 тысяч тенге. По ее словам, при площади пять тысяч квадратных метров балансовая стоимость объекта составляет 20-25 миллионов тенге.

«Аналогичная ситуация с ресторанами. С балансовой стоимостью менее 10 тысяч тенге за квадратный метр при площади 1-3 тысячи квадратных метров общая балансовая стоимость объекта составляет 10-30 миллионов тенге, что также ниже реальной стоимости объекта. Мы предлагаем рассмотреть международный опыт и возможность поэтапного перехода к налогообложению по кадастровой стоимости по определенным субъектам предпринимательства, с учетом возможных рисков.

Сегодня имеются факты, когда некоторые налогоплательщики укрывают реальные доходы с целью занижения налога. В особенности это касается сферы обслуживания и торговли, где расчеты производятся с применением наличных денег. Такое предложение позволит повысить эффективность мер, принимаемых для вывода бизнеса из тени, и увеличит доходы местного бюджета», - заявила Ольга Перепечина.

**Источник: https://tengrinews.kz**

# Бартараф намудани қонуншиканиҳо

**Яке аз вазифаҳои асосии мақомоти андоз гузаронидани корҳои назоратӣ ва фаҳмондадиҳӣ ба ҳисоб меравад. Ин аст, ки Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кӯшиш намуда истодааст, ки фарҳанги андозсупории андозсупорандагон баланд гардида, онҳо бо ҳисси масъулиятшиносӣ андозҳои давлатиро бетаъхир пардохт намоянд.**

Мутаассифона, тавре раванди корҳои таҳлилӣ ва назоратии мақомоти андоз нишон медиҳад, ки як гурӯҳи муайяни андозсупорандагон аз сабукӣ ва имтиёзҳои андозии пешбинишуда сӯистифода намуда, ба пинҳонкунии манбаҳои андозбандӣ, пурра ва сари вақт пардохт накардани андозҳо, дуруст ва ба таври пурра нишон надодани натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии худ ё ва умуман, беқайд дар мақомоти андоз машғул гардидан ба фаъолияти соҳибкорӣ даст зада истодаанд.

Дар натиҷаи амалиёти Гурӯҳи кории дар асоси Амрномаи Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо мақсади гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ сафарбаргардида 7 андозсупоранда бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ, 10 андозсупоранда бо Дафтари бақайдгирии санҷишҳо таъмин гардида, дар фаъолияти 6 андозсупоранда мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) насб шуд.

Сардори Гурӯҳи корӣ Азизбек Қутбидинов иттилоъ дод, ки онҳо дар ҳудуди кӯчаҳои Ш. Ҳусейнзода ва Бухорои шаҳри Душанбе фаъолияти 47 андозсупоранда (аз ҷумла, 11 шахси ҳуқуқӣ, 30 соҳибкори инфиродӣ ва 6 шахси воқеӣ) –ро таҳти санҷиши амалиётӣ қарор дода, дар фаъолияти онҳо ҳолатҳои риоя нагардидани талаботи қонунгузории андозро ошкор намуданд.

Санҷиши амалиётӣ муайян намуд, ки аз ҷониби андозсупорандагон талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби истифодабарии МНХ-и дорои хотираи фискалӣ” аз 02.05.2013, №210 ва қарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012 №451 роия нагардида, баъзе соҳибкорон бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидаанд. Инчунин, аз ҷониби андозсупорандагон бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намудани коргарони кироя, кам нишон додани даромади андозбандишаванда, дуруст истифода накардани МНХ ошкор гардида, нисбати онҳо протоколҳои маъмурӣ тартиб ва барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шудааст.



Номбурда қайд намуд, ки Гурҳӯи корӣ дар давоми фаъолияти хеш аз манбаи 3,8 млн. сомонӣ ба маблағи 610,1 ҳазор сомонӣ кам пардохт гардидани андозҳоро ошкор намуд, ки аз ин алҳол 502,9 ҳазор сомонӣ ба буҷет таъмин гардида, барои маблағи боқимонда чораҷӯӣ идома дорад.

Дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ 6 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ, 13 ҳолати аз ҷониби андозсупорандагон дар ҳисобот нишон надодани 46 нафар коргари кироя ва кам нишон додани музди меҳнат ошкор шудааст. Бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ аз тарафи гурӯҳ мустақилона аз манбаи 287,0 ҳазор сомонӣ ба маблағи 109,1 ҳазор сомонӣ эъломияи иловагӣ пешниҳод гардида, тибқи тартиби муқараргардида коргарони кироя дар нозироти андоз ба қайд гирифта шуданд. Аз ҷумла, дар фаъолияти ҶДММ “Доно 2016” муайян гардид, ки андозсупоранда даромади аслии бадастоварда ва 5 коргари кирояро дар эъломияҳои андоз қайд накардааст, ки ин боиси кам ҳисоб ва пардохт шудани андозҳо ба буҷет гардидааст. Бо таъсиррасонии Гурӯҳи корӣ аз манбаи 777,8 ҳазор сомонӣ ба маблағи 147,8 ҳазор сомонӣ андоз аз арзиши иловашуда ҳисоб ва аз манбаи 30,0 ҳазор сомонӣ фонди музди меҳнат эъломияи иловагӣ пешниҳод гардид. Инчунин, муайян шуд, ки ҷамъият тартиби истифодаи МНХ- ро дуруст ба роҳ намондааст. Дар натиҷа, нисбати ҷамъият ба маблағи 9,9 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, пардохти онҳо ба буҷет таъмин гардид.

Ба ҳамин монанд, дар фаъолияти ҶДММ “Антарес”, ки ба фурӯши чиптаҳои ҳавопаймоӣ машғул аст, муайян шуд, ки ҷамъият даромади аслии бадастовардаи худро аз ҳисоби фурӯши чипта нишон надода, аз ин ҳисоб ба кам пардохт намудани андозҳо ба маблағи 20,0 ҳазор сомонӣ даст задааст. Дар натиҷа, аз ҷониби ҷамъият ба маблағи 20,0 ҳазор сомонӣ эъломияи иловагӣ пешниҳод шуд. Инчунин, нисбати ҷамъият барои тартиби истифодабарии МНХ-и дорои ТИЭ- ро дуруст ба роҳ намонданаш ба маблағи 9,9 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуд ва пардохти маблағҳои иловагӣ ва ҷаримаи маъмурӣ ба буҷет таъмин гардид.

Дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Суҳроб Хурсандбоев, ки дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро 37 ба фаъолияти тайёр ва фурӯши таом машғул мебошад, муайян гардид, ки соҳибкор даромади аслии бадастовардаи худро дар ҳисоботи андоз нишон надодааст, ки ин ҳолат боиси кам ҳисоб ва пардохт гардидани андозҳо ба буҷет гардидааст. Бо таъсиррасонии Гуруҳӣ корӣ ба маблағи 8,9 ҳазор сомонӣ эъломияи иловагӣ таритиб дода шуд, маблағи мазкур ба буҷет таъмин гардидааст. Ҳамчунин, тавре муайян шуд, соҳибкори инфиродӣ тартиби истифодабарии МНХ-и дорои ТИЭ-ро дуруст ба роҳ намондааст. Дар натиҷа, нисбати ӯ ба маблағи 9,9 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб ёфта, пардохти он ба буҷет таъмин шудааст.

Муайян гардид, ки соҳибкори инфиродӣ Нозим Боқиев дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро 37, ба фаъолияти харид ва фурӯши хӯрокворӣ машғул аст. Корҳои назоратӣ дар фаъолияти соҳибкори мазкур муайян намуд, ки чанде пеш дар фаъолияти ӯ муоинаи хронометражӣ гузаронида шуда, манбаи андозбандӣ ба маблағи 47,8 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст, ки мутаассифона, аз ҷониби соҳибкор талаботи муоинаи хронометражӣ иҷро нагардидааст. Дар натиҷа, бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ соҳибкор ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ эъломияи иловагӣ гирифта, аз ҷониби андозсупоранда маблағи мазур ба буҷет таъмин гардидааст. Инчунин муайян гардид, ки соҳибкор тартиби истифодабарии МНХ-и дорои ТИЭ-ро дуруст ба роҳ намондааст. Дар натиҷа, Гурӯҳи корӣ нисбати соҳоибкор ба ҳаҷми 4,4 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуд.

Санҷиши амалиётӣ дар фаъолияти ҶДММ “Нил Иншоот” нишон дод, ки он дар ноҳияи Шоҳмансур ба фаъолияти корҳои сохтмонӣ (биноҳои баландошёна) машғул буда, шумораи аслии коргарон ва музди меҳнати кирояро дар ҳисоботи андоз дарҷ накардааст. Дар рафти санҷиш муайян гардид, ки номбурда 15 коргари кирояро дар ҳисоботи андоз қайд накардааст, ки ин боиси кам ҳисоб ва пардохт гардидани андозҳо ба буҷет гардидааст. Бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо гирифтани эъломияҳои иловагӣ ба маблағи 199,5 ҳазор сомонӣ андозҳо ҳисоб карда шуд.

Дар рафти санҷиш нисбати 45 андозсупоранда барои вайрон намудани қонунгузории андоз ба маблағи 294,2 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, пардохти 216,3 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин шуд.

Ҳамзамон, аз тарафи Гурӯҳи корӣ 8 ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз ба иҷора додани амволи ғайриманқул аз тарафи шахсони воқеӣ ошкор гардид, ки нисбати онҳо аз манбаи 839,2 ҳазор сомонӣ ба маблағи 109,1 ҳазор сомонӣ андоз аз даромади шахсони воқеӣ ҳисоб шуд. Дар натиҷа, пардохти он ба буҷет таъмин гардида, онҳо дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуданд.

Таҳлил ва корҳои назоратӣ нисбати андозсупорандагон нишон дод, ки фарҳанги андозсупории андозсупорандагон ҳанӯз ҳам дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Аз ин рӯ, мақомоти андоз пайваста кӯшиш менамояд, ки бо роҳи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва гузаронидани семинар-машваратҳо фарҳанги андозсупории андозсупорандагонро баланд бардорад. Андозсупорандагонро низ зарур аст, ки қонунгузории андозро дуруст риоя намоянд.

**Фаррухрӯзи ҶОВИД**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Франция будет каждый год получать 500 млн евро налогов с технологических корпораций

**В стране могут ввести дополнительный налог в размере 3% выручки технологических компаний, получаемой ими во Франции**

Министр экономики и финансов Франции Брюно Ле Мер сообщил, что если его проект закона о введении дополнительного налога для технологических гигантов будет принят, то французский бюджет будет каждый год получать дополнительно 500 млн евро. Свой законопроект он представит в среду перед советом министров, после чего документ будет отправлен на рассмотрение в парламент. Проект закона предусматривает введение дополнительного налога в размере 3% выручки технологических компаний, которую они получают во Франции, пишет газета «Коммерсантъ».

Речь идет только о тех компаниях, чей годовой оборот составляет свыше 750 млн евро, при этом хотя бы 25 млн евро из них должны быть получены во Франции. В итоге документ затронет примерно 30 международных компаний, в частности, Google, Amazon, Facebook, Apple, Uber, Airbnb, Booking и другие.



http://taxpravo.ru

# Медведев ба идеяи ба хотири рушди «Яндекс» «қатъ намудани Google» посух дод



**Дар ҳамоиши Сочи роҳбари ширкати BIOCAD ба Медведев дар бораи дастгирии ширкатҳои Россия савол дода, пешниҳод намуд, ки «ширкатҳои худиро дастгирӣ намоянд». Дар ҷавоби савол сарвазир шухикунон гуфт: «фаъолияти Google дар кишвари алоҳида қатъ карда шавад».**

Фаъолияти ширкати Google-ро «дар кишвари алоҳида қатъ намудан мумкин аст», изҳор дошт сарвазири Россия Дмитрий Медведев ҳангоми суханронӣ дар сессияи Ҳамоиши инвеститсионии Россия дар Сочи. Сарвазир ба саволи бизнесмен «оё дар Хитой агар Amazon ва eBay фаъолият дошта бошанд, Alibaba пайдо шуда метавонад» тавре зикр шуд, посух дод.

Дар ҳамоиш директори генералии ширкати биотехнологии BIOCAD Дмитрий Морозов низ суханронӣ кард. «Чӣ андеша доред, оё дар Хитой агар Amazon ва eBay фаъолият дошта бошанд, Alibaba пайдо шуда метавонист? Ғайриимкон аст. Мефаҳмед, мо бояд худиҳоро парвариш кунем. Эҳтимол, барои рушди Яндекс фаъолияти Google-ро бoздоштан зарур бошад? Мо дар бораи ин масъалаҳо бояд андеша кунем», - гуфтааст ӯ.

Дар посух Медведев шӯхӣ карда гуфтааст: «Мо фаъолияти Google-ро қатъ карда метавонем, вале танҳо дар кишвари алоҳида».

«Ба кишварамон ширкатҳои дорусозиро бе ягон рақобат роҳ доданд, онҳо ҳар чизе дилашон хоҳад мекунанд, ҳоло ба онҳо фишор овардан кофист. Дар ҷаҳон ҳам ба онҳо фишор меорем. Ба мо фақат кӯмак зарур асту бас», - илова кардааст Морозов.

Моҳи ноябри соли 2017 роҳбари Хадамоти федералии андоз Михаил Мишустин дар мусоҳибааш ба РБК дар бораи он сӯҳбат кард, ки аз ҳисоби андози ба ном барои Google ба буҷети мамлакат қариб 7 миллиард рубл ворид шуд.

Соли 2016 дар Россия қонуне ба тасвиб расид ки тибқи он ширкатҳои хориҷӣ бояд ба ҳайси резидентҳои андозӣ ба қайд гирифта шаванд ва аз фурӯши хизматрасониҳои рақамӣ дар ҳаҷми 18% андоз аз арзиши иловашуда пардохт кунанд. Қонун аз 1 январи соли 2017 амал мекунад.

Муовини вазири молияи Россия Иля Трунин моҳи июли соли 2016 изҳор намуд, ки тавассути «андоз барои Google» ба буҷет то 10 миллиард рубл ворид мешавад. Тибқи суханони Мишустин, талаботи қонунро 131 адад ширкатҳо, аз он ҷумла Apple, Amazon, Alibaba, Google ва дигарон риоя мекунанд.

**Манбаъ РБК**

**https://www.rbc.ru/technology_and_media/15/02/2018/5a8597c39a79475c17187af5**

# Ба ҳуҷраи шахсӣ гузаред

## Ба андозсупорандагон системаи хизматрасониҳои электрониро пешниҳод мекунанд

**Сарвазири Россия Дмитрий Медведев идома додани фаъолияти Хадамоти федералии андоз дар самти рушди хизматрасониҳои электронии пардохти андозҳоро зарур медонад. Сарвазир чанде пеш бо роҳбари Хадамоти федералии андоз (ХФА) Михаил Мишустин мулоқот дошт.**

«Дар мавриди хизматрасониҳо ҳаминро гуфтан зарур аст, ки рушди системаи ҳуҷраҳои шахсӣ, имкони аз манзил берун нарафта пардохтани андозҳо самти дуруст ба назар мерасад. Ҳама чунин мешуморанд, ки хадамоти андоз дар ин самт қадами калон ба пеш гузоштааст ва дар қатори давлатҳои пешрафтае қарор дорад, ки онҳо чунин хизматрасониҳоро дар қаламравашон амалӣ менамоянд ва зиндагии андозсупорандагонро осуда, пешбинишаванда ва ҳозиразамон мегардонанд», - баҳо додааст сарвазир.

Бо дарназардошти натиҷаи мазкур, вай ба Мишустин пешниҳод кардааст, ки корашонро дар ҳамин самт идома диҳанд, то ин ки чунин хизматрасониҳо барои аксари шаҳрвандон мусоид бошанд, ширкатҳо ҳам аз чунин намуди хизматрасонӣ истифода бурда метавонанд.

Мишустин дар навбати худ гуфтааст, ки ХФА ба миқдори қариб 60 миллиард рубл афзоиш ёфтани маблағҳои андозҳоеро ба қайд гирифтааст, ки онҳо бо истифода аз интернет-сервисҳо пардохт шудаанд. Дар бораи андозсупорандагоне, ки ҳоло аз «ҳуҷраи шахсӣ» истифода мебаранд, ҳоло 24 миллион нафарро ташкил медиҳад. Мишустин инчунин гуфтааст, ки аз 1 январ сар карда қонун дар бораи андозбандии хизматрасониҳои электронии аз тарафи ширкатҳои хориҷӣ анҷомдодашаванда амал карда истодааст.

Сухан дар бораи хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи контенти электронӣ, бозиҳои компютерӣ ва дигар хизматрасониҳои электронӣ меравад, ки дар қаламрави Россия аз тарафи ширкатҳои хориҷӣ амалӣ мегарданд. Ҳоло дар чорчӯбаи қонуни мазкур чунин ширкатҳои хориҷӣ, амсоли Google, Apple, Microsoft, Netflix аллакай ба қайд гирифта шудаанд ва қариб 39 ширкати дигар барои бақайдгирӣ ариза пешниҳод намудаанд.

«Сухан дар бораи он меравад, ки имрӯз аз ҳамаи хизматрасониҳои электронӣ, ки дар қаламрави кишвар ба мардуми рус расонда мешавад, ширкатҳо андоз аз арзиши иловашуда пардохт кунанд. Ин амал инъикоси пурраи он корҳоест, ки дар ин самт дар ҷаҳон анҷом дода мешавад, аз ҷумла конвентсияи модели Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (ОЭСР) низ чунин вариантро пешбинӣ кардааст», - гуфтааст Мишустин.

Дмитрий Медведев ба он нигарон аст, ки чунин андозҳоро ширкатҳои мазкур дар кишварҳои дигар пардохт мекунанд ва, ба андешаи вай, ноадолатӣ аст, агар ҳамин андозҳо дар Россия рӯёнда нашаванд. Тавре роҳбари Хадамоти федералии андоз гуфтааст, принсипи худпардохт, ки дар чорчӯбаи қонуни нав барои ҳамаи ширкатҳо амал мекунад, мушкилӣ надорад, ҳамаи корҳо ба воситаи хизматрасонии электронӣ иҷро шуда, ҳангоми он дар онлайн санҷидан мумкин аст, ки оё ба ширкат аризаи марбута ва эъломияи махсус пешниҳод кардан зарур аст ё не.

«Муҳимаш, ширкаҳое, ки қаблан дар Россия ҳаргиз андоз аз арзиши иловашуда пардохт намекарданд, ҳоло ба қонунгузории Россия мутобиқ гардонда мешаванд», - гуфтааст Мишустин. Медведев ба андешаи мазкур изҳори розигӣ карда, қайд намудааст, ки андозҳоро на танҳо дар ИМА ё Иттиҳоди Аврупо, инчунин, дар Россия низ пардохт кардан зарур аст, зеро аз андозҳо буҷети давлатӣ ташаккул меёбад.

**Манбаъ «Российская назета»**

**https://rg.ru/2017/01/29/nalog-na-google-v-rossii-soglasilis-platit-bolee-40-kompanij.html**

**Коршиносони соҳаи андоз зиёдшавии бақияи қарзи андозҳоро дар вилояти Хатлон ташвишовар медонанд. Агарчи бо талоши масъулон дар самти коҳиш додани бақияи қарзи андозҳо корҳои зиёде анҷом дода мешавад, вале ин мушкилӣ, ҳанӯз ба пуррагӣ ҳалли худро пайдо накардааст.**

# Омилҳои афзоиши қарз

Дар робита ба ин масъала, сардори шуъбаи ситонидани қарзи андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Шамс Сафарзода изҳор дошт, ки шумораи андозсупорандагони қарздор ба ҳолати 1 феврали соли равон 25630 (4809 шахси ҳуқуқӣ ва 20821 соҳибкори инфиродӣ) нафарро ташкил медиҳад. Бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби онҳо 180,8 млн. сомониро дар бар мегирад. Мавсуф илова намуд, ки дар натиҷаи ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назорату санҷишҳо нисбат ба аввали соли 2019 бақияи қарзи андозҳо ба маблағи 2,2 млн. сомонӣ кам гардид. Дар натиҷа, аз шумораи умумии андозсупорандагони қарздор 47 адад кам шуд.

Ба иттилои мутахассисони Раёсати андози вилоят бо мақсади рӯёнидани бақияи қарзи андозҳо дар давоми 2 моҳи соли ҷорӣ ба 291 адад андозсупорандаи қарздор оид ба пардохти қарзи андозҳо огоҳинома ирсол гардид. Маблағи умумии он 6,8 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки дар ин давра аз ин ҳисоб 2 млн сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Бояд гуфт, ки барои кам кардани бақияи қарзи андозҳо усулҳои гуногуни корӣ истифода мешавад. Махсусан, тавассути рӯёнидани қарзи андозҳо давоми 2 моҳ сипаригардида нисбати андозсупорандагони қарздор 661 адад қарор қабул шуд. Маблағи умумии он 41,9 млн. сомонӣ мебошад ва аз ин ҳисоб, ба буҷет 6,1 млн. сомонӣ ворид шудааст. Аз шумораи умумии 661 адад қарорҳои қабулгардида иҷрои 95 адади он пурра таъмин гардид.

Шамс Сафарзода гуфт, ки бештари қарорҳо нисбати хоҷагиҳои кишоварзӣ қабул гардидааст. Сабаби аслии пурра иҷро нагардидани қарорҳо дар он аст, ки аз ҷониби комиссияҳои таҷдиди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо заминҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ дар асоси қарорҳои дахлдори раисони шаҳру ноҳияҳо таҷдид ва ба дигар нафарон тақсим шудаанд. Ҳангоми тақсимоти заминҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ моликияти дар тавозуни онҳо қарордоштаро пурра тақсим намудаанд. Вале ҷиҳати тақсимоти маблағи қарзи андозҳо умуман чораҷӯӣ нашудааст, ки ин ҳолат, боиси зиёдшавӣ ва пардохт нагардидани бақияи қарзи андозҳо гардидааст. Ҳол он ки мутобиқи қисми 7 моддаи 60 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне, ки замини шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда – корхонаи кишоварзӣ ба онҳо дода мешавад, аз рӯи маблағи боқимондаи қарзи андози ҳамин шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда масъулияти иловагӣ доранд. Мутаассифона, талаботи мазкур на дар ҳама ҳолат аз ҷониби комиссияҳои таҷдиди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба инобат гирифта мешавад. Мавсуф илова кард, ки новобаста аз чораҳои андешидашуда ва сарфи назар аз мушкилоти ҷойдошта масъулони Раёсати андози вилояти Хатлон дар доираи ҳуқуқу ваколатҳои худ бахри пешгирии ҳолатҳои пайдоиш ва зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо, кам намудани шумораи андозсупорандагони қарздор ва таъмини иҷрои қарорҳои қабулгардида дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо чораҳои иловагӣ меандешанд.

Барои аз байн бурдани мушкилоти ҷойдошта, баланд бардоштани маърифати андозсупорандагон ва ҷоннок кардани фаъолияти корӣ дар ин самт, давоми соли 2019 баргузории корҳои фаҳмондадиҳӣ ва семинар-машварат бо андозсупорандагони қарздор минбаъд низ ба нақша гирифта шудааст.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

Қарз зиллат аст

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

## С владельца сети ресторанов «Тарас Бульба» могут взыскать 1 млрд рублей

### По данным следствия, Белойван не выплатил в бюджет налоги на сумму более 650 млн рублей



**Владелец сети ресторанов «Корчма Тарас Бульба» Юрий Белойван будет освобожден от уголовной ответственности в случае уплаты одного миллиарда рублей недоимки по налогам.**

СУ СКР по Москве сообщает о завершении расследования уголовного дела в отношении Белойвана, обвиняемого по статье «Уклонение от уплаты налогов с организации в особо крупном размере».

По данным следствия, владелец ресторанов «Корчма Тарас Бульба» с января 2011 года по март 2014 года не выплатил в бюджет налоги на сумму более 650 миллионов рублей.

С целью возмещения ущерба счета восьми ресторанов были заблокированы, однако Белойван продолжил деятельность от лица других юрлиц. Когда следствие выяснило это, арест был наложен и на эти счета.

Впервые налоговые инспекторы на протяжении всего рабочего дня следили в ресторанах за тем, как проходит прием к оплате банковских карт и пробитие кассовых чеков.

За время работы инспекторов на арестованные счета поступило более 25 миллионов рублей. Также было арестовано имущество Белойвана, оформленное в том числе и на третьих лиц, на сумму около 400 миллионов рублей.

«С признанием вины Белойваном для урегулирования налоговых претензий ведется подготовка к подписанию с ФНС России мирового соглашения, согласно которому обвиняемый в течение трех лет уплатит в бюджет суммы недоимки по налогам, а также суммы пеней и штрафа в общей сумме более 1 млрд рублей», - сказано в сообщении СК.

**http://www.aif.ru**




# Шаҳрвандоне, ки аз андози молу мулки ғайриманқул қарздоранд

**Мақомоти андози Тоҷикистон имрӯз, тавре ба назар мерасад, баҳри ғановатмандии буҷети мамлакат саҳми беандоза гузошта истодаанд. Фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ, таъмини маоши кормандони корхонаю ташкилотҳои буҷетӣ ва ҳифзи соҳаҳои иҷтимоиёти кишвар робитаи мустақим ба ҷамъоварии андозҳо дорад. Барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҷамъоварии андозҳо масъалаи аввалиндараҷае, ки дар назди мақомот меистад, ин маъмуркунонии андоз аст.**

Аз ин хотир, имрӯз мақомоти андоз кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки мутахассисони баландихтисосро ба мақомоти мазкур ҷалб намояд. Ғайр аз ин, кормандони мақомоти андоз барои пешрафти ин соҳа аз таҷрибаҳои давлатҳои пешқадами ҷаҳон истифода мекунанд. Пас, зарур аст, ки ҳар як шаҳрванди тоҷик фарҳанги баланди андозсупории хешро эҳсос карда, дар мӯҳлати муайяншуда андозҳои муқаррарнамудаи қонунгузориро пардохт намояд. Чунки қисми асосии даромади буҷети давлатро, хусусан, пардохтҳои андозӣ ташкил медиҳанд. Чуноне ки ба назар мерасад, масъалаи сари вақт пардохт нагардидани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон ва шаҳрвандон, ба вуҷуд омадани маблағҳои зиёди бақияпулиҳои андоз, инчунин, давра ба давра афзоиш ёфтани он боиси нигаронии на танҳо мақомоти андоз, балки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гардидааст.

Шаҳрвандоне, ки аз пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул қарздор ҳастанд, дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат хеле зиёданд. Аз ин хотир, ҳар шахсро мебояд дар пешрафти иқтисодиёт ва ободии Ватани худ саҳмгузор бошад. Сари вақт таъмин намудани маошу нафақаи шаҳрвандон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва дигар омилҳои рӯзгузаронӣ аз сари вақт пардохт намудани андоз ва ғанӣ гардонидани буҷет вобаста мебошад. Бинобар ин, шаҳрвандонро зарур аст, ки андозҳоро сари вақт пардохт намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**РӮЙХАТИ СОҲИБМУЛКОНЕ, КИ ДАР НАЗДИ БУҶЕТ БА ҲОЛАТИ 01.01.2019 АЗ АНДОЗИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ҚАРЗДОР МЕБОШАНД**

| № | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ПАНҶ** | | | |
| 1 | Иброҳим Тоиров | Ҷ/д. К. Сайфутдинов | 500 |
| 2 | Маҳмараҳим Ҷононов | Ҷ/д. К. Сайфутдинов | 527 |
| 3 | Файзулло Пиров | Ҷ/д. К. Сайфутдинов | 560 |
| 4 | Каримдод Амонов | Ҷ/д. Озодагон | 850 |
| 5 | Қудратшо Ҳасанов | Ҷ/д. Озодагон | 253 |
| 6 | Владимир Холлов | Ҷ/д. Озодагон | 540 |
| 7 | Давлатёр Давлатмандов | Ҷ/д. Озодагон | 382 |
| 8 | Сафармо Сахидодова | Ҷ/д. Озодагон | 230 |
| 9 | Қурбоналӣ Азизов | Ҷ/д. Озодагон | 460 |
| 10 | Маҳмадиев Ашур | Ҷ/д. Намуна | 250 |
| 11 | Уғулой Миронова | Ҷ/д. Намуна | 300 |
| 12 | Меъроҷ Сафаров | Ҷ/д. Нури Ваҳдат | 400 |
| 13 | Ҳилол Ғуломов | Ҷ/д. Нури Ваҳдат | 423 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ** | | | |
| 1 | Абдулҳамид Сайдалиев | Ҷ/д. Меҳнатобод, деҳаи Меҳнатобод | 5230 |
| 2 | Амин Сафолов | Ҷ/д. Меҳнатобод, деҳаи Гулобод | 1730 |
| 3 | Анваршо Шарифов | Ҷ/д. Чубек, деҳаи Меҳрвар | 2654 |
| 4 | Назаралӣ Файзиев | Ҷ/д. Даштигулло, деҳаи Файзобод | 1923 |
| 5 | Хайриддин Усмонов | Ҷ/д. Даштигулло, деҳаи Файзобод | 3256 |
| 6 | Муҳаммад Рӯзиев | Ҷ/д. Даштигулло, деҳаи Файзобод | 2677 |
| 7 | Ҳамид Саидов | Ҷ/д. Меҳнатобод, деҳаи Гулобод | 4305 |
| 8 | Розия Тошматова | Ҷ/ш. Москва | 9627 |
| 9 | Зафар Муқимов | Ҷ/ш. Москва | 9784 |
| 10 | Мирзомурод Боев | Ҷ/ш. Москва | 3685 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ТЕМУРМАЛИК** | | | |
| 1 | Раҷаб Кодиров | Ҷ/ш. Совет, кӯчаи Вализода | 300 |
| 2 | Хурсаной Раҳмонова | Ҷ/ш. Совет, кӯчаи Чинор | 425 |
| 3 | Мақсуд Раҳматов | Ҷ/ш. Совет, кӯчаи Айнӣ | 340 |
| 4 | Намозқул Хонқулов | Ҷ/д. Л. Қармишов, деҳаи Муродбахш | 303 |
| 5 | Маҳмадшокир Салимов | Ҷ/д. С Раҳим, деҳаи Ойшабулоқ | 516 |
| 6 | Бегиҷон Раҳмонов | Ҷ/д. Бобоюнус, деҳаи Якасада | 236 |
| 7 | Фазлиддин Эмомов | Ҷ/д. Бобоюнус, деҳаи Шириноб | 200 |
| 8 | Саидқул Турдиев | Ҷ/д. Л. Қармишов, деҳаи Чол-Сартез | 225 |
| 9 | Муродалӣ Искандаров | Ҷ/д. С Раҳим, деҳаи Бурдангал | 267 |
| 10 | Ҳурматулло Қузратов | Ҷ/ш. Совет, кӯчаи С. Амиршоев | 300 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ХОВАЛИНГ** | | | |
| 1 | Саъдулло Бобоназаров | маҳаллаи Восеъ | 533 |
| 2 | Фатҳиддин Сулаймонов | деҳаи Садбарго | 402 |
| 3 | Сироҷов Саидқул | деҳаи Момаӣ | 551 |
| 4 | Зоиршо Сафаров | деҳаи Чуқурак | 354 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ МУЪМИНОБОД** | | | |
| 1 | Зоҳир Бозоров | кӯчаи Исмоили Сомонӣ | 2556 |
| 2 | Файзулло Гадоев | кӯчаи Т. Раҳимов | 1985 |
| 3 | Абдусалом Одинаев | кӯчаи Ҷалолиддини Румӣ | 5212 |
| 4 | Алишер Назаров | кӯчаи Ҷалолиддини Румӣ | 2115 |
| 5 | Гулмурод Қаюмов | кӯчаи Ҷалолиддини Румӣ | 1409 |
| 6 | Бозор Солиев | кӯчаи Исмоили Сомонӣ | 1914 |
| 7 | Нуриддин Раҳимов | кӯчаи Мирзо Турсунзода | 3525 |
| 8 | Давлат Исупов | деҳаи Ҳанатарош | 3964 |
| 9 | Зуҳурҷон Сафаров | кӯчаи Исмоили Сомонӣ | 6570 |
| 10 | Ҳотам Мирзоев | кӯчаи Исмоили Сомонӣ | 2001 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ ШАҲРИ КӮЛОБ** | | | |
| 1 | Наврӯз Шамсидин | маҳаллаи Ш. Шоҳин | 6744 |
| 2 | Амонулло Умаров | маҳаллаи Дӯстӣ | 6136 |
| 3 | Эмомалӣ Наврӯзов | маҳаллаи Ҷ. Расулов | 5295 |
| 4 | Умаралӣ Шукуров | маҳаллаи Истиқлол | 1300 |
| 5 | Аҳтам Қодиров | маҳаллаи Истиқлол | 1250 |
| 6 | Амиршо Муродов | маҳаллаи Истиқлол | 1290 |
| 7 | Файзулло Раҷабов | маҳаллаи Бозорӣ | 1625 |
| 8 | Савлатбӣ Қосимова | маҳаллаи Бозорӣ | 1170 |
| 9 | Нурулло Шарифов | маҳаллаи И. Сомонӣ | 9490 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ НОСИРИ ХУСРАВ** | | | |
| 1 | Нуралӣ Раджабов | деҳаи Муродтеппа | 942 |
| 2 | Исмат Абдимуратов | деҳаи Муродтеппа | 979 |
| 3 | Ихтиёрхон Закиров | деҳаи Навобод | 1081 |
| 4 | Буби Хидиров | деҳаи Чупонқишлоқ | 1086 |
| 5 | Панжи Хидиров | деҳаи Чупонқишлоқ | 1463 |
| 6 | Абдуқодир Одинаев | деҳаи Чупонқишлоқ | 964 |
| 7 | Абдуқодир Бердиев | деҳаи Олтинсой | 2325 |
| 8 | Умеджон Пардаев | деҳаи Сангоба | 1082 |
| 9 | Рауфжон Бобокулов | деҳаи Бешкаппа | 1025 |
| 10 | Миралӣ Гурсунов | деҳаи Сангоба | 942 |

# Ҳолати бақайдгирӣ ва андозбандии иҷораи молу мулк

**Чанде пеш бо мақсади назорати рафти иҷрои талаботи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2016, №450 «Оид ба тартиби қабули эъломияҳои андоз аз даромади шахсони воқеӣ вобаста ба иҷораи молу мулки ғайриманқул», рафти татбиқи барномаи компютерӣ дар ин самт ва дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ Гурӯҳи корӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе сафарбар гардид.**



Дар робита ба ин, роҳбари Гурӯҳи корӣ - мутахассиси пешбари Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтибек Рустамов гуфт, дар фаъолияти субъектҳое, ки андозаи иҷорапулиҳои онҳо дар шартномаҳои иҷорапулӣ маблағҳои ночизро ташкил медоданд, дар маҷмӯъ, ба маблағи 533572 сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб гардида, дар рафти фаъолият пардохти 361765 сомонии он ба буҷет таъмин шуд.

Бахтибек Рустамов зикр кард, нисбати 22 нафар шахси воқеие, ки дар мӯҳлати муқарраргардида эъломияи андоз аз даромадро пешниҳод накардаанд, дар доираи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 11550 сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ ва ҳамзамон, эъломияҳои андоз аз даромади онҳо аз ҳисоби ба иҷора додани молу мулк дар нозироти андоз барқарор шуданд.

Инчунин, 65 ҳолати бе қайд ва сари вақт дар мақомоти андоз нагузоштани иҷоридиҳандагони молу мулки ғайриманқул ошкор шуд ва баъди бақайдгирӣ ба сифати иҷорадиҳанда дар фаъолияти онҳо ба маблағи 155807 сомонӣ андоз аз даромад барилова ҳисоб ва воридоти 107927 сомонии он ба буҷет таъмин гардид.

Мутобиқи маълумоти пешниҳодгардида ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ 1003 шахси воқеӣ ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулки ғайриманқул ба қайд гирифта, масоҳати молу мулки ғайриманқули ба иҷорадодашуда 92533 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Таҳлил ва корҳои назоратӣ дар маҳалҳо дар самти баҳисобгирӣ ва бақайдгирии иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқул нишон дод, ки гарчанде дар ин самт аз ҷониби нозироти андоз бо иштироки соҳибмулкон семинар-машварат гузаронида шуда бошад ҳам, вале то ҳоло фарҳанги андозсупории иҷорадиҳандагони молу мулк (соҳибмулкон) дар сатҳи зарурӣ қарор надорад.

Масалан, шаҳрванд Субҳон Маҷидов, ки ҳамчун муассиси ягона дар ҶДММ "Ҳамадонӣ М-73" баромад менамояд, молу мулки худро дар кӯчаи Деҳотӣ, хонаи 11/15 барои истифодабарӣ ба ҷамъияти мазкур аз давраи моҳи январи соли 2016 то декабри соли 2018 дар қисмати тавозуни муҳосибӣ дар сатри хароҷот ба инобат гирифтааст, вале ҳамчун иҷорадиҳанда дар нозироти андоз ба қайд гирифта нашудааст. Дар натиҷа, фаъолияти соҳибмулк аз манбаи 114300 сомонӣ ба маблағи 14859 сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб гардид ва ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулк дар нозироти андоз ба қайд гирифта шуд. Ҳамзамон, дар фаъолияти ҶДММ "Ҳамадонӣ М-73" бино бар нодуруст ба ҳисоб гирифтани маблағи андозҳо аз объектҳои ғайриманқул маблағҳои мазкур ҳангоми ҳисоб кардани андоз аз суди саҳмия бекор ва аз манбаи 89766,7 сомонӣ ба маблағи 10772 сомонӣ андоз аз суди саҳмия барилова ҳисоб гардид.

Ғайр аз ин, Гурӯҳи корӣ дар доираи талаботи моддаи 23 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқул оид ба мутобиқ кардани шартномаҳои иҷора ба талаботи мактуби дастурии мазкур корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ анҷом дод. Дар натиҷа, дар фаъолияти 25 иҷорадиҳанда аз ҳисоби кам нишон додани маблағи иҷора ба маблағи 377765 сомонӣ андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба таври илова ҳисоб ва пардохти 253828 сомонии он ба буҷет таъмин шуд.

Масалан, Манучеҳр Рустамов объектҳои ғайриманқули худро дар кӯчаи Гостелло 120 ба ҶДММ "Волга МС" барои давраи моҳҳои январи соли 2017 то декабри соли 2018 мувофиқи шартномаи тарафайн ба маблағи 5032 сомонӣ барои як моҳ ба имзо расонида, барои истифода пешниҳод намудааст. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ шартномаи иҷора аз 5032 сомонӣ ба 23400 сомонӣ барои як моҳ зиёд ва ҳамзамон, барои давраи моҳҳои январи соли 2017 то декабри соли 2018 аз манбаи 440832 сомонӣ дар фаъолияти соҳибмулк М. Рустамов ба маблағи 57308 сомонӣ андоз аз даромад ба таври илова ҳисоб шуд.

Тибқи талаботи моддаи 156 Кодекси андоз барои шахсони воқеие, ки молу мулки ғайриманқули худро ба иҷора додаанд, барои пешниҳод намудани эъломияи андоз аз даромад то 1 апрели баъди соли ҳисоботӣ мӯҳлат муқаррар шудааст. Яъне барои пешниҳоди эъломияи андоз аз даромад дар давраи ҳисоботии соли 2018 то 1 апрели соли 2019 мӯҳлат муқаррар гардидааст. Бинобар ин, ҳангоми инвентаризатсияи парвандаи иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқул муайян шуд, ки аз шумораи умумии андозсупорандагон 80 нафари онҳо барои давраи ҳисоботии соли 2017 ба нозироти андоз эъломияи андоз аз даромадро пешниҳод накардаанд.

Аз ҷониби Гурӯҳи корӣ бо мақсади барқарор намудани эъломияҳои андоз ва татбиқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба суроғаи соҳибмулкон огоҳиномаҳои расмӣ ирсол гардид. Дар ин давра нисбати 22 нафари онҳо, барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияи андоз аз даромад ба маблағи 6050 сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуд.

Масалан, Давлатой Мирзоева, ки объектҳои ғайриманқули худро дар кӯчаи Н. Қарабоев 55, ҳуҷраи 117 ба иҷора дода, эъломияи андоз аз даромадро барои давраи ҳисоботии соли 2017 ба нозироти андоз пешниҳод накардааст, дар натиҷаи татбиқ намудани ҷаримаи маъмурӣ ба маблағи 275,0 сомонӣ, эъломияи андоз аз даромади он аз манбаи 13800 сомонӣ ба маблағи 1794 сомонӣ барқарор шуд.

Масъалаи аз ҳисоби шахсони воқеии ба фаъолияти иҷорадиҳӣ машғулбуда, ки маблағи андоз аз даромадро сари вақт ба буҷет пардохт накардаанд, низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар натиҷа, муайян гардид, ки баъзе аз шахсони воқеӣ ӯҳдадориҳои андозии худро сари вақт иҷро намекунанд, ки боиси афзоиш ёфтани маблағи бақияи қарзи андоз аз даромад ва иҷро нагардидани нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ гардидааст.

Масалан, шаҳрванд Абдураҳмон Ғайбуллозода объектҳои молу мулки ғайриманқули худро дар кӯчаи М. Маҳмадалӣ, хонаи 4 ба 10 нафар шахси воқеӣ ба иҷора додааст, ки танҳо 7 нафари онҳо дар барномаи компютерӣ сабт гардидааст. Маблағи солонаи шартномаи иҷораи шахси воқеӣ 238,0 ҳазор сомониро ташкил дода, аз ин ҳисоб 31,0 ҳазор сомониро мебоист ба буҷет ҳисоб ва пардохт менамуд. Дар рафти гузаронидани корҳои назоратӣ муайян шуд, ки шахси воқеӣ А. Ғайбуллозода дар соли 2018 аз ҳисоби иҷора додани объектҳои ғайриманқули худ иҷорапулиро пардохт накардааст. Дар натиҷаи таъсиррасонии Гурӯҳи корӣ 31,0 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шуд. Ҳамзамон, 3 адад шартномае, ки то инҷониб дар қайди мақомоти андоз гузошта нашуда маблағи солонаи иҷорапулӣ дар як сол 96,0 ҳазор сомониро ташкил медод, ба барномаи компютерӣ ворид гардиданд.

Бахтибек Рустамов афзуд, ки бо дарназардошти ҳолатҳои ҷойдошта ва таҳлилҳои гузаронидашуда кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсиро зарур аст, ки ҷиҳати сари вақт ба андозбандӣ ҷалб намудани шахсони воқеие, ки ба иҷорадиҳии молу мулк машғул мебошанд, корҳои назоратӣ ва фаҳмондадиҳиро вусъат диҳанд ва ҷиҳати рафъи камбудиҳои ҷойдошта дар ин самт чораҳои амалиро андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Где в Европе выше налоги?

Самый низкий налог на доходы граждан в Болгарии, на бизнес-прибыль – в Венгрии, а НДС – в Швейцарии.

В каждой стране своя налоговая конструкция. Например, в Болгарии, Белоруссии, России, Чехии и на Украине ставка подоходного налога одинакова для всех граждан. Но в других государствах низкие доходы облагаются по пониженному «тарифу», а высокие - по повышенному. Лидер здесь - Швеция, где НДФЛ достигает 57,1%.

В России ставки трёх самых важных налогов одни из самых низких в Европе. «Но об уровне фискального бремени в стране лучше судить по доле налогов в ВВП, - обращает внимание партнёр налоговой практики консалтинговой компании KPMG Russia Виктор Калгин. - Этот показатель в России далеко не максимальный». Для сравнения: по данным Организации экономического сотрудничества и развития (ОЭСР), в 2017 г. больше всего налогов было в валовом внутреннем продукте Франции- 46,2%. Меньше всего (22,8%) – в ВВП Ирландии. А уровень налоговых поступлений в российский бюджет глава Минфина Антон Силуанов оценил в 30,8%. Но в эту цифру, в отличие от статистики ОЭСР, не включены взносы работодателей в соцфонды, составляющие 30% от зарплат.

**Источник: http://www.aif.ru**

## ҶОМЕА

# Ифротгарой ва таъсири он ба амнияти миллии Тоҷикистон ва минтақа

Мусаллам аст, ки Осиёи Марказӣ дар ҷаҳон минтақаи хеле мураккаб ва муҳим маҳсуб ёфта, дар он манфиатҳои абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба ҳам печидаанд. Имрӯз кишварҳои минтақа таҳаввулоти геополитикӣ ва геостратегиро дар соҳаи амнияти миллӣ ва минтақавӣ паси сар мекунанд.

«Осиёи Марказӣ ба унвони минтақаи дорои аҳамияти махсуси сиёсӣ, иқтисодӣ ва геополитикӣ ҳамчунин мавриди таваҷҷуҳи тарроҳони сиёсӣ боқӣ мемонад», - гуфт дар суҳбат ба хабарнигори АМИТ «Ховар» сармутахассиси Раёсати омӯзиши масъалаҳои амнияти минтақавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳикматулло Хоҷаев.

Мавсуф афзуд, ки таҳлилгарони сиёсӣ дар бораи Осиёи Марказӣ тарҳҳои ҷиддие матраҳ менамоянд, ки ҳар яке сарнавишти дигареро барои минтақа пешбинӣ мекунад. «Як роҳ - як камарбанд» (ОПОП), «Осиёи Марказии Бузург», «Роҳи Абрешими Нав», «Корпоратсияи рушди Осиёи Марказӣ» аз тарҳҳои бузурги минтақа дар зарфи як даҳсолаи охир маҳсуб меёбанд. Таҳлилҳо бозгӯи онанд, ки дар аксар мавридҳо дар пушти тарҳҳо масъалаи тавсеаи нуфӯз дар Осиёи Марказӣ, дастёбӣ ба манбаъҳои саршори он ва таъйини сарнавишти ин минтақа ниҳон мебошад.

Бо дахли ифротгароии динӣ дар ҷомеаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, коршиноси МТС мегӯяд, ки марҳалаи муосири нисбатан назарраси густариши ифротгароии динӣ ҷаҳонишавии бесобиқаи он аст, зеро ҷаҳонишавӣ ифротгароии диниро таҳрик медиҳад. Дар ҷаҳони ислом ҷаҳонишавӣ бо сиёсати мушаххас, бо таҳдид аз ҷониби Ғарб айният дода мешавад, ки на танҳо ба мусулмонон арзишҳо ва ҷаҳонбинии худро таҳмил менамояд, балки фишори ҳарбӣ низ мерасонад, - мегӯяд коршиноси МТС.

Ба андешаи Ҳ. Хоҷаев, Осиёи Марказӣ солҳои охир бо афзуншавии хатару таҳдидҳо рӯ ба рӯ гардидааст. Ин қабл аз ҳама, ба воситаи механизми ҷалби ҷавонон ба созмону ҳаракатҳои террористии дар Тоҷикистон мамнӯи байналмилалӣ - ДИИШ/ДИ, «Ал – Қоида», «Толибон» ва истифодаи онҳо дар амалҳои террористӣ дар кишварҳояшон сурат мегирад.

Дар вилояти Суғд 19 узви гурӯҳи ҷиноятӣ дастгир гардиданд, ки фаъолияти онҳо дар ҳудуди кишвар манъ шудааст. Аз ҷумлаи онҳо 16 нафар узви ҳаракати «Ансоруллоҳ» ва се нафар узви «Ҷундуллоҳ» буданд. Дар ҷараёни амалиёти махсус ду узви гурӯҳи ҷинояткори «Ансоруллоҳ» нобуд карда шуданд. Ҳамаи онҳо дар урдугоҳҳои махсус дар Покистон омодагии ҳарбӣ гирифтаанд. Соли 2010 аъзои гурӯҳи «Ансоруллоҳ» масъулияти амали террористӣ дар назди бинои идораи ноҳиявии мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартиботи ВКД ҶТ дар вилояти Суғдро ба уҳда гирифта буданд.

Пӯшида нест, ки абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ нисбат ба ифротгароии динӣ аз «стандартҳои дугона» истифода мекунанд, ки сифати муборизаро дар ин самт коҳиш медиҳад. Бинобар ин, онҳо байни иттиҳодияҳои ҳарбӣ ва сиёсӣ ихтилофоти нав ба вуҷуд оварда, вазъи сиёсии ҷаҳонро бесубот месозанд, тамоми муқаддасоти милливу стратегиро аз байн мебаранд, - мегӯяд таҳлилгар.

Дар Осиёи Марказӣ ифротгароии динӣ дар байни занон низ батадриҷ паҳн мешавад. Таблиғоти васеи созмони ба ном «Давлати исломӣ»* сабаби пайвастани занон ба ин ҳаракат гардид. Ифротиҳо ҳамчунин дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ занони норозиро ҷустуҷӯ мекунанд, то ба сафи худ ҷалб кунанд.

Ба андешаи мутахассиси МТС, омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, равонӣ ва фарҳангии ҳар як кишвари минтақа ба таъмини амнияти давлатӣ мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, бояд вазъи идеологӣ ва равонии ҷомеа бо амалисозии барномаҳои гуногуни давлатӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ мутобиқат дошта бошад.

***Дар Тоҷикистон мамнуъ эълон шудааст**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон



## Муҳтарам андозсупорандагон! Хотиррасон менамоем:

**Муҳлати пешниҳоди эъломия оид ба андоз аз даромади хизматчии давлатӣ то 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ муқаррар гардидааст**

➢ Мувофиқи муқаррароти моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматчии давлатӣ” шаҳрванд ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ уҳдадор мегардад, ки ҳар сол ба мақоми андози маҳалли зист эъломия оид ба андоз аз даромад ва ба мақоми давлатии ҷои кор эъломия оид ба вазъи молу мулк пешниҳод намояд.

➢ Тибқи талаботи моддаи 156 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматчии давлатӣ уҳдадор аст, ки эъломия оид ба андоз аз даромадро ба мақомоти андози маҳалли зисти худ ба таври хаттӣ ё электронӣ пешниҳод намояд.

■ **Барои сари вақт ба мақомоти андоз пешниҳод накардани эъломия оид ба андоз аз даромад тибқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст.**

■ **Маълумоти пурраро оид ба тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромади хизматчии давлатӣ метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj), Бахши иттилоотии «Контакт – сентр» (рақами телефонии 151) ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намоед.**



**Ҷиҳати дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияи андоз, пеш аз ҳама, хизматчии давлатӣ бояд дар портали хизматрасониҳои электронии сомонаи Кумитаи андоз (www.reg.andoz.tj) ба қайд гирифта шуда, баъд аз гирифтани иҷозат тавассути барномаи компютерии Системаи иттилоотии андоз (www.portal. andoz.tj) эъломия оид ба андоз аз даромадро ворид намоияд.**



## ПЕШНИҲОДИ ЭЪЛОМИЯ ОИД БА АНДОЗ АЗ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Муҳтарам шаҳрвандон! Хотиррасон менамоем:

**Шахсони воқеӣ - резидентҳо ва ғайрирезидентҳо уҳдадоранд, ки оид ба даромадҳои зерин, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин резидентҳо берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ гирифта шудааст, дар манбаи пардохт андозбандӣ намешаванд ва ба меҳнати кироя мансуб нест:**

*- даромад аз иҷораи биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ ва дигар молу мулк;*
*- маблағи қарзи ба андозсупоранда бахшидаи қарздиҳанда;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯши биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ, ки аз 3 сол камтар ҷойи зисти (истиқомати) асосии андозсупоранда то бегона кардан қарор дошта бошанд;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯш дигар объектҳои ғайриманқул (ба истиснои объектҳои ғайриманқули барои мақсадҳои соҳибкорӣ истифодашаванда), ки аз 2 сол камтар то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯши молу мулке, ки аз ҷониби андозсупоранда барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода карда мешавад;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯши воситаҳои нақлиёти механикӣ ва ядакҳо, ки аз як сол камтар то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯхтан, додан, гузашт кардан ва дигар намуди бегонакунии саҳмияҳо ва ҳиссаҳои иштирок дар сармояи оинномавии корхонаҳо;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯши моликияти қиматноки таърихӣ (антиквариат).*

**ТО 1-УМИ АПРЕЛИ БАЪДИ СОЛИ ҲИСОБОТӢ ЭЪЛОМИЯ ОИД БА АНДОЗ АЗ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕИРО МУСТАҚИЛОНА ПЕШНИҲОД НАМОЯНД**

**Маълумоти пурраро оид ба тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромади шахсони воқеӣ метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj), Бахши иттилоотии «Контакт – сентр» (рақами телефонии 151) ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намоед.**

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

- ЧСП «Фарфор» (РМА 070004523) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад.
- ҶДММ «Фахриддини Б» (РЯМ 0410021966) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.
- ҶДММ «АС» (РЯМ 0410006841) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.
- ҶДММ «Файёз НКБ» (РЯМ 0310008802) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.
- ҶДММ «Маркази савдои Ваҳдат» (РМА 050011056) воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, барҳам мехӯрад.
- ҶДММ «Таъмиргоҳи Умед» (РЯМ 0310013055) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.
- Кооперативи истеҳсолии Х/Д «Даҳбеди Самарқанд» (РЯМ 6210004167) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.
- Кооперативи тиҷоратии «Ҳоҷи Йулдошота» (РМА 0710004433) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад.
- ҶДММ «Мактаби ронандатайёркунии автосантал - Конибодом» (РЯМ 5710005135), воқеъ дар шаҳри Конибодом, барҳам мехӯрад.
- ҶДММ «Карими Канд» (РЯМ 5710002999), воқеъ дар шаҳри Конибодом, барҳам мехӯрад.
- ҶДММ «Технологияи аграрӣ» (РЯМ 6410002968), воқеъ дар шаҳри Бӯстон, барҳам мехӯрад.
- ҶДММ «Саймеҳтоҷ» (РЯМ 2910005368) воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.
- ҶДММ «Мурод АСМ» (РМА 190005084) воқеъ дар ноҳияи Восеъ, барҳам мехӯрад.
- Муассисаи давлатии хонаи кӯдакони синни томактабии № 1-и шаҳри Душанбе (РЯМ 0310019582) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.
- Ташкилоти ҷамъиятии варзишии «Доварону нозирони футболи Тоҷикистон» (шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, таҳти рақами 1773) барҳам мехӯрад.
- Корхонаи воҳиди давлатии «Варзишгоҳи марказӣ» (РЯМ 7010000479), воқеъ дар шаҳри Хоруғ, барҳам мехӯрад.
- Муассисаи давлатии маркази ҷавонон (РЯМ 7010001653), воқеъ дар шаҳри Хоруғ, барҳам мехӯрад.
- Муассисаи давлатии маҷмааи варзишӣ (РЯМ 7010003578), воқеъ дар шаҳри Хоруғ, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

- Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғуломов Ҳамза (РЯМ 0330098762) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Джайлобов Равшан (РЯМ 0331337501) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Солиҳов Зафарҷон (РЯМ 0331347830) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Сониев Ислом (РЯМ 0331221285) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ «Медикал Фарма» (РЯМ 0110008635) аз ноҳияи И.Сомонӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
- Гувоҳнома дар бораи додани РМА таҳти рақами 010018816 мутааллиқ ба ҶДММ «Медикал Фарма» (РЯМ 0110008635) аз ноҳияи И.Сомонӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Алиқулов Турақул (РЯМ 3530027976) аз ноҳияи А.Ҷомӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Носиров Насрудин (РЯМ 0830048826) аз ноҳияи Рашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Ахмедов Абдулқаҳор (РЯМ 0830041915) аз ноҳияи Рашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Абубакри Сайдакрамзода (РЯМ 3830054791) аз ноҳияи Шаҳритус, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Маҳмадзариф» (РЯМ 0930023665) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахси ҳуқуқӣ мутааллиқ ба МТМУ №39-и ноҳияи Темурмалик (РЯМ 2610000626) аз ноҳияи Темурмалик, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфироди Қаюмов Абдувосит (РЯМ 6230023727) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфироди Садуллоев Ульмас (РЯМ 6230158440) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахси ҳуқуқӣ мутааллиқ ба ҶДММ «Компрони Шомуддин» (РЯМ 1830000042) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Сиёвуш» (РЯМ 1830050301) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба МТМУ №22-и шаҳри Ваҳдат (РЯМ 0510003414) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад
- Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ҳабибов Партов (РЯМ 1930008878) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Хоҷаназаров Далерҷон (РЯМ 1930032390) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки аз ҷониби мақомоти андоз модули нави хизматрасонӣ барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо бо тартиби электронӣ таҳия шуда, дар сомонаи расмии Кумитаи андоз бо суроғаи электронии (http://andoz.tj) ҷойгир шудааст.

Тибқи модули нав андозсупорандагон имконият доранд, ки ҳуҷҷатҳои заруриро барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷию дохилӣ бемонеа, бо тартиби электронӣ, ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти худ пешниҳод намоянд.

Ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда аз ҷониби андозсупорандагон дар шакли электронӣ, ҳамарӯза аз ҷониби бахши бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти онҳо, маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ баррасӣ ва дар мавриди пурра ва дуруст пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо субъекти соҳибкорӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

Аз андозсупорандагон ва шаҳрвандон хоҳиш мекунем, ки тартиби электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатӣ истифода намоянд, зеро он бевосита барои сарфаи вақт ва маблағҳои онҳо таҳия ва ҷорӣ шудааст.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муассиссони шахсони ҳуқуқӣ вазифадоранд, ки аз лаҳзаи таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, дар давоми як соли минбаъда, ҳиссаи худро дар сармояи оинномавии он ташаккул дода, дар ин хусус маълумоти зарурӣро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намоянд. Дар ҳолати ташаккул надодани ҳадди ақали ҳаҷми сармояи оинномавӣ, шахси ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ дорад, барои барҳам додани чунин шахс ба суд муроҷиат намояд.

Ташаккул додани сармояи оинномавӣ, пеш аз ҳама, ба манфиати худи шахси ҳуқуқӣ буда, ҳамзамон ҳуқуқи соҳибмулкии муассисро ба шахси ҳуқуқӣ тасдиқ менамояд.

Бинобар ин, аз муассисони шахсони ҳуқуқӣ хоҳиш карда мешавад, ки сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқиро ташаккул дода, маълумоти зарурӣро дар ин хусус ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли қайди шахси ҳуқуқӣ пешниҳод намоянд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2015, таҳти № 332 ”Дар бораи шакл ва тартиби истифобарии Дафтари бақайдгирии санҷишҳо” Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби мақомоти андоз, яъне нозиротҳои андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо, ба андозсупорандагон ройгон дастрас мешавад.

Дастрас ва дар фаъолияти худ пеш бурдани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба манфиати андозсупорандагон буда, барои пешгирӣ намудани ҳама гуна санҷишҳои беасос дар фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Бинобар ин, аз шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликият ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда хоҳиш менамоем, ки аз мақомоти андози маҳалли қайди худ Дафтари бақайдгирии санҷишҳоро ройгон дастрас карда, дар фаъолияти худ истифода намоянд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ДАВРАИ МУСТАҲКАМШАВИИ СОТСИАЛИЗМ

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Барои ҶШС Тоҷикистон меъёри даромад аз садяки гектар барои кишти зироат дар ҳаҷми 40 рубл, картошка - 110 рубл, токзор -–22 рубл ва ғайра; барои як сар чорвои маҳсулдиҳанда – 2000 рубл, барои бузу гӯсфанд – 350 рубл, хук – 800 ва ғайра таъин гардид. Мутобиқи ҳамин меъёрҳо андоз аз даромади хоҷагии шахсии деҳқон ҳисобу китоб мешуд.

Мустаҳкам гардидани муносибатҳои сотсиалистӣ, ки дар Конститутсияи ИҶШС (1936) ифода ёфта буданд, такомули баъдинаи то ин замон барқароршудаи муносибатҳои молиявиро дар ҳамаи зинаҳои низоми молияви ИҶШС, аз он ҷумла дар Буҷети давлатии ИҶШС ва умуман дар низоми буҷетӣ тақозо мекарданд. Чораҳо оид ба такомули ҷиҳатҳои гуногуни механизми мураккаби буҷет – ташаккули даромад ба буҷет умумӣ ва навъҳои ҷудогонаи буҷет, банақшагирии даромад ва харҷ аз буҷет, ҷараёни мураттабсозӣ ва иҷрои буҷет, тартиби маблағгузории хароҷот ва ғайра андешида мешуданд.

Барномаи молиявии Панҷсолаи сеюм (1938 -- 1942) гузаронидани чорабиниҳоро оид ба зиёд намудани даромадҳо ба буҷет, истифодаи самароварро аз маблағҳои буҷет тақозо мекард. Масалан, тағйири нархи (конверсияи) вомбаргҳо, ки соли 1936 ва соли 1938 гузаронида шуд, паст фуровардани фоизи пардохти онҳо, тамдиди муҳлаташон то 20 сол боиси кам гардидани хароҷоти буҷет барои пардохти қарзи давлат гардиданд.

Соли 1937 дар мақомоти молия хидматгузории назорату тафтишот таъсис ёфт. Он вазифадор гардид, ки мунтазам кори мақомоти андозро дар масъалаи мураттабсозӣ ва иҷрои буҷет, вазъи ҳисобу китоби муҳосибавиро оид ба иҷрои буҷет ва ғайра тафтиш намояд. Нозирони тафтишгар дар мақомоти молиявӣ кори пурсамареро анҷом медоданд.

Дар Панҷсолаи сеюм кори молиявию буҷетӣ пеш рафт. Дар ин давра гузариши баъзе соҳаҳои саноат ба пардохти андоз аз гардиш дар шакли фарқияти нархҳо (чакана ва яклухт) ба ҷойи ҳисобу китоби андоз аз гардиш дар таносуб ба фоизи нархҳо оғоз ёфт.

Ин методи ҳисобу китоби андоз аз гардиш соли 1939 ба кор рафт ва дар солҳои баъд аз ҷанг боз ҳам тадриҷан такомул ёфт. Имрӯз он яке аз методҳои маъмулии асосӣ ба шумор меравад. Ба масъалаи такомули молияи хоҷагии қишлок, робитаи байниҳамдигарии он ва буҷети давлатӣ диққат дода мешуд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**



## Хусусияти давоии НАЪНО

Наънорo дар баъзе маҳалҳо пудинаи боғӣ ҳам меноманд.

Мизоҷаш дар охири дараҷаи дувум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши наъно хеле зиёд аст. Агар инро бихӯранд, гармӣ мебахшад, фараҳ меоварад, дилро қавӣ мегардонад, хуни ғафсро рақиқ (суюқ) месозад, модаҳои хунукмизоҷро пароканда менамояд. Наънои тарро бо орди ҷав омехта, ба пешонӣ бимоланд, дарди сарро ки сабабаш хунукӣ бошад, шифо мебахшад. Агар инро бихоянд, дарди дандонро сокин мекунад. Усораи инро биёшоманд, хунравӣ ва хун қай карданро қатъ мекунад; дарди узвҳои дарунӣро шифо мебахшад; рутубатҳои қасабаи шуш, худи шушро аз моддаҳои зарарнок пок мекунад.

Чун наънорo бо сунбул якҷо дар об биҷӯшонанд ва он обро бинӯшанд, дарди дил ва тапидани меъдаро шифо мебахшад, узвҳои ҳозима (меъда, рӯдаҳо, ҷигар ва оруғро барҳам медиҳад, инчунин, ҳамаи навъҳои кирми шикамро мекушад.

## Дарахти нодир

Дар шуъбаи табиати Осорхонаи миллии Тоҷикистон намунаи сангҳои қиматбаҳои конҳои Тоҷикистон, пайдоиши ҳаёт дар рӯйи Замин, гӯшаи палеонтология (организмҳои сангшуда) ба маъраз гузошта шудаанд, ки ҳаёти ҷамъияти ибтидоиро бозгӯ мекунанд. Аҷибтарин экспозитсияи ин шуъба дарахте бо баландии 3 метру 40 сантиметр аст, ки онро 19 ҳазору 536 барги аз сангҳои қиматбаҳо сохташуда, нишоне аз сарватҳои маъдании Тоҷикистон оро медиҳанд.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Аз ҷавонон ҳамонаш хуб аст, ки ранги рӯяш сурх шавад, на сафед.

ххх

Набудани бухл волотарин сарват аст.

ххх

Барои сарват зӯри беҳуда мазан, инсони бохирад бе сарват ҳам арҷманд аст.

ххх

Як зиндагие бисоз, ки дарунат ҳисси хубиро эҷод кунад, на ин ки танҳо аз берун хуб ба назар расад. Барои дили худат зиндагӣ кун, на барои дигарон.

ххх

Се чиз пойдор намонад: мол бе тиҷорат, илм бе баҳс ва мулк бе сиёсат.

Хатои аксари мавҷудот аз шитобкории онон аст.

ххх

Ҳангоме, ки шахси аз худ заъифтарро шиканҷа медиҳӣ, пас ҳаргиз, аз сарзаниши шахсе, ки аз ту пурзӯртар аст, эмин мабош.

## ПАНДИ РӮЗГОР

Соҳибдиле бо либоси жанда ва чиркин ба назди соҳибмақоме ташриф овард. Ба ӯ гуфтанд:

- Бо ин гуна либосҳо чӣ гуна ба назди чунин шахси воломақоме меравед? Ин гуна айб аст. Ӯ дар ҷавоб гуфт:

- Бо либоси чиркин назди бузурге рафтан айб нест, балки бо ҳамон либоси чиркин аз ҳузури вай баргаштан нанг аст, зеро ин гуна бозгашт нишони ин аст, ки он воломақом ӯро лоиқ надонист ва рад кард ва ҳадяву инъом ба ӯ набахшид...



## Сухангӯи электронӣ аз одам фарқе надорад





Ширкати Амрикоии WellSaid Labs муаллими электронииро омода намуд, ки гӯё аз одам фарқе надорад. Дар асоси сабтҳои дастрасшуда интеллекти сунъӣ на танҳо овозро тақлид мекунад, балки то ҳадди имкон талаффуз ва матнҳои навро аз худ мекунад (ҳоло танҳо бо забони англисӣ). WellSaid Labs, асосан, ба бозори таблиғ равона шудааст. Шояд ба наздикӣ чунин таҷҳизотро харидорӣ ё ба иҷора гирифтан имкон ёбад. Инчунин, он метавонад бахри рушди соҳаи маориф низ истифода шавад. Эҳтимол аст, ки чунин сухангӯй дар оянда метавонад овози шахсони бегонаро аз худ карда, аз номи онҳо корҳоро анҷом диҳад.

## ОЁ МЕДОНЕД?

Духтараки ҳаштсола - Ҷейд дар Англия нобиға ҳисоб меёфт. Ғайр аз забони англисӣ бо забонҳои олмонӣ, франсузӣ ва испанӣ низ ҳарф мезад. Ин духтарак дар навохтани скрипка ва пианино ҳам моҳир буд, чун нависандаи беҳтарин дар байни наврасон сазовори ҷоиза гардид, бисёр китобҳоро бо забони ишора баргардонд. Муаллимаи риёзӣ, ки ба вай вазифаи хонагӣ медод, ҳанӯз аз дар набаромада, духтарак фарёд мезад: «Очаҷон, мисолҳоро ҳал намудам, боз ба чӣ кор машғул шавам?». Модар ӯро ба мактаби соҳибистеъдодҳо супурд, зеро дигар наметавонист маблағи дарсҳои хонагиро пардозад. Дар ин мактаб низ Ҷейд аз ҳамаи омӯзгорон донотар ба ҳисоб мерафт.

Боҷу Хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводи нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ тахти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Фирдавси АБДУРАҲМОН

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 70 306**